**ГУЛРУХСОР**

# ҶОВИДОНА

***Китоби шеър***

Душанбе
2008

*Китоби «ҶОВИДОНА» аз ашъори нави Шоири Халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи устод Рӯдакӣ ГУЛРУХСОР гулчин шудааст.*


Унвони китоб: Ҷовидона
Муаллиф: Гулрухсор
Муҳаррир: Рустами Ваҳҳоб
Тарроҳии роёна: Ромиш Шералӣ
Ношир: Интишороти «Деваштиҷ»
Замону макон: Душанбе, 2008
Шумора: 1000

Рӯйи ҷилд: ГУЛРУХСОР
Наққош: Сабзалӣ ШАРИФЗОДА

# ЯК ПАНҶАРА МЕҲР



## АФСОНАИ ИШҚ

Эй монда зи ту
афсонаи ишқ,
Дар чашми алам
дурдонаи ишқ.
Мурғи ҳақи ёд
фарёд кунад,
Фарёди фироқ
аз лонаи ишқ.

Ишқи ту чу барқ
рахшида гузашт,
Рақсида гузашт,
нозида гузашт.
Дар боли ҳавас,
дар ноли нафас,
Болида гузашт,
нолида гузашт...

Ишқи ту чӣ буд?
Як шӯъла сурур,
Як панҷара меҳр,
як шаршара нур:
Аз нози назар,
аз рақси шарар,
Аз гиряи абр,
аз хандаи ҳур...

Аз ишқи ту монд
як хотира боғ,
Як дида гуҳар,

як пилта чароғ.
Як фалсафа оҳ
як ҳанҷара соз,
Аз ахгари сард,
аз ахтари доғ...
2006



## ҶОВИДОНА

***«Ту охирин баҳонаӣ***
***барои буданам...»***

Дар ҳама ҷо ба ҷо туӣ,
Ҷойибаҷо баҷо туӣ,
Байни туву фалак
малак,
Байни ману худо, туӣ!

Чашми ба роҳ аз ту пур,
Ҳузни нигоҳ аз ту пур,
Ҳусни гуноҳ аз ту пур,
Ларзаи оҳ аз ту пур,

Пур зи ту сӯзи хуни ман,
Андаки ман, фузуни ман,
Валвалаи ҷунуни ман,
Ҳарзаи зуфунуни ман,

Пур зи ту орзуи ман,
Ҷоми ману сабуйи ман,
Ҳарзаву гуфтугӯйи ман,
Арзаву ҷустуҷӯйи ман.

Пур зи ту ошёнаам,
Хокаму обу донаам.
Исмати орифонаам,
Қисмати осиёнаам…

Фасли расиданат хуш аст,

Муждаи диданат хуш аст,
Дар дами сарди умри ман,
Гарм дамиданат хуш аст.

Омадаӣ, дигар марав,
Дар бикушо, бадар марав,
Сӯхта хушку тар марав,
Бебару бесамар марав.

Матлаби рамзи ман бимон,
Дар дами сабзи ман бимон,
Ишқ дамест ҷовидон,
Дар таби набзи ман бимон.

Дар шаби ман ситора шав,
Дар таби ман шарора шав,
Дар лаби нози нози ман,
Роз шав,
истиора шав!..
...
Дар ҳама ҷо баҷо туӣ,
Ҷойибаҷо баҷо туӣ,
Байни туву фалак
малак,
Байни ману худо туӣ!
2006



## ХАЙРБОДИ БАҲОР

Рози гул дар нағмарези соз монд,
Нози гул дар накҳати эъҷоз монд,
Аз парасту парчами парвоз монд,
То парафшон,
то парафшони дигар!

Барги сабзи гулшани идрок рехт,
Фавҷи гул дар мавҷи гул бебок рехт,
Ашки поки ёс рӯйи хок рехт,
То гулафшон,
то гулафшони дигар!

Вақт рафту нақд рафту бахт рафт,
Ишқи ман зуд омаду барвақт рафт,
Шоҳи ман дар оҳи ман бетахт рафт,
То сарафшон,
то сарафшони дигар!

Ишқро дилмурдае аз ёд бурд,
Сози мурғи нағмаро сайёд бурд,
Бод ҳусни гулшани гулшод бурд,
То баҳорон,
то баҳорони дигар!
2006

## ҚАСАМ

Ба дидаи маро надидаат, қасам,
Ба лолаҳои аз барои ман начидаат, қасам,
Ту аз манӣ!

Ба ранги зарду сӯзу дарди ман, қасам,
Ба бистари чу барф сарди ман, қасам,
Ман аз туам!

Ба ҷаври дар суроғи ту кашидаам, қасам,
Ба заҳри аз фироқи ту чашидаам, қасам,
Ту аз манӣ!

Ба бӯсаҳои аз рухи висол норабудаам,
қасам,
Ба гиряҳои аз заволи ишқ носурудаам,
қасам,
Ман аз туам!

Ба хобҳои рангаи пур аз туи ба чашми
боз дидаам, қасам,
Ба оби дидаам, қасам,
Ба номи офаридаам, қасам,
Ту аз манӣ!

Ба ҳузни шодгунаам, қасам,
Ба хашму кинаам, қасам,
Ман аз туам!
Ба исми омиёнаат, қасам,
Ба номи шоиронаам, қасам,
Ту аз манӣ!



2006

## НАВРӮЗИИ КӮҲАНРӮЗ

Бо номи  ту фол мекушоям ҳама умр,
Сарриштаи ҳол мегушоям ҳама умр,
Бо болу пари шикастаи танҳоӣ,
То боми ту бол мекушоям ҳама умр:
Эй боиси худсозиву худсӯзии ман,
Эй дар ҳама фасли сол наврӯзии ман!

Умрам бигузашту сӯзи ишқат нагузашт,
Дай омадаву тамузи ишқат нагузашт.
Дар созу  тарона сӯзи ишқат нашукуфт,
Дар нойи ҳиҷо рамузи ишқат нагузашт:
Эй ҳасрати ҷовидонаи шодии ман,
Завлонаи даступойи озодии ман.

Бо ҷамъияти ҷамъ тани танҳоям,
Олам пури марду ман зани танҳоям.
Монандаи оҳи сард андар лаби дард,
Дар шеваи ҳаҷр шевани танҳоям:
Эй маънии зиндагонии фонии ман,
Эй ишқи фалакнамои ирфонии ман!

Дил дар кафи пойи интизорӣ дорам,
Дар домани шаб ситоракорӣ дорам,
Ба  роҳи ту дидаи хуморӣ дорам,
Монандаи рӯд беқарорӣ дорам:
Боз о, ки баҳор ояду  дигар наравад,
Нур ояду сур ояду дигар наравад!

Боз о, ки зи дидори ту хушнуд шавам,



Дар пардаи ғам нағмаи падруд шавам,
Чун шӯъла бурун зи зулмати дуд шавам,
Нобудаму аз будани ту буд шавам:
Аз ҳар нигаҳи гарм туро меҷӯям,
Аз озару озарм туро меҷӯям.

Аз умри наоянда туро металабам,
Аз бахти напоянда туро металабам,
Эй гумшудаи дар нафаси ман пайдо,
Аз рафтаву оянда туро металабам,
Фарнозу фароҳсозу  фаромӯз биё,
Бо рози нав аз равзаи наврӯз биё!

Эй боиси худсозиву худсӯзии ман,
Эй дар ҳама фасли сол наврӯзии ман!
2006

## **ШАҲРИ РУСТО**

Шаҳри беоб,
шаҳри бебарқ,
шаҳри норӯфта,
Дар китоби ифтихори ман,
ҳарфи ногуфта.
Шаҳри сода,
шаҳри нообод,
шаҳри сард,
Шаҳри масрури пур аз ҳузн,
Шаҳри шодии пур аз дард,
Шаҳри аз хоки Аҳорун гашта эҳё,
Шаҳчароғи хирасӯзи ёди ширини Бухоро,
Парчамафшони шукӯҳи шаҳриёрони Самарқанд,
Ёдгории хароби қарни вусто,
шаҳри русто,

Дӯстат дорам!
Дӯстат дорам, ба сони модаре,
К-аз ҳама фарзандҳои нозанину солими хеш
Дӯсттар дорад
зи рӯйи раҳму шафқат,
Тифлаки бечораву бемори худро.
2006



## ДУШАНБЕ

Паёмат роз дорад, ноз дорад,
Саломат шеваи анбоз дорад,
Зи номат рӯзи нав оғоз дорад:
Душанбе – субҳи нав,
пирӯзии нав,
Душанбе- рӯзи нав,
наврӯзии нав.

Туро аз деҳае
бунёд кардем,
Туро аз меҳри худ
обод кардем:
Туро чун шеъри нав
эҷод кардем,
Ба монанди ниёву хешу фарзанд,
Ба ҳам мову ту монандем,
монанд!

Бирӯяд дар хиёбонат
гули дил,
Ба гулзори гулафшонат,
гули дил,
Зи рӯйи тифли хандонат,
гули дил:
Дили дар синаи миллат,
Душанбе,
Дили ойинаи миллат,
Душанбе!
2004

## ПАРЧАМИ УЗР

Даҳр бозор аст, бозор,
Зиндагӣ нон мефурӯшад.
Дар баҳои ганҷи арзон,
Халқ имон мефурӯшад,
Ҷони беҷон мефурӯшад.

Шоҳиди қатли ғурурам,
Қотилам ман ҳамчу шоҳид.
Дар сари гӯри ҳақирӣ,
Пораи нон аст маҳтоб,
Парчами узр аст хуршед.
2007



## ЯК НАФАС

***Табиат бо ҷамоли ошиқона,***
***Бузургии худоро менамояд!***

Як нафас худро зи нози ғунчаҳо ҷустам,
Ранги худ аз рангсози ғунчаҳо ҷустам,
Як нафас оғозу анҷоми ду оламро,
Аз паёми сабзрози ғунчаҳо ҷустам.

Рози гул аз нози гул оғоз гардидам,
Дар салои хуни гул овоз гардидам,
Дар паранди рози накҳат соз гардидам.
Ҳайрати ойинаро анбоз гардидам,

Як нафас хушбӯ шукуфтам бо салои гул,
Як нафас аз худ гусастам бо ҳавои гул,
Ёфтам гумкардаву гумгаштаҳоямро,
Аз садои ошнои хандаҳои гул.

Як нафас бо бахти як дам ноз бинмудам,
Як нафас дамро ба дам дамсоз бинмудам,
Зиндагии беаҷал оғоз бинмудам,
Аз худи худ
то худо парвоз бинмудам...
2004

## ШӮЪЛА ДАР САНГ

Интизорам, интизори фасли гул,
Фасли ҷунун,
фасли дамидан,
Интизори фасли аз ҷамъияти танҳо
рамидан,
Растахези сурху сабзи шаҳпаракҳоро,
Дар дурахши оташи хунам,
Бо нигоҳи набзи худ дидан…

Интизорам, интизори он,
ки як шоми сиёҳи интизорӣ,
Озарахшосо
зи шарёни дили абри сияҳ рахшад.
Шӯъларо дар санг
фарҳанги зиё бахшад,
Рақси ишқи шаҳпаракҳоро
забон бахшад,
Лаҳзаро,
як лаҳза,
умри ҷовидон бахшад...

**2003**



## ФИРОҚ

Ҳамчу ғам,
ҳамчун алам,
ҳамчун таби дарди фироқ,
Рафт аз ман ишқи ту бо оташи сӯзони худ.
Рафтиву аз ғам намурдам,
гарчи мепиндоштам,
Бе ту дар дунёи равшан зиндадаргӯрӣ чӣ суд.

Ҳамчу ман девонаҳо
дар ошиқӣ кам нестанд,
Ман наменолам зи ишқу аз маломатҳои он.
Лек баъди ваъдаҳои хоми ту дар зиндагӣ,
Ман чӣ сон бовар кунам бо ҳарзаҳои ошиқон?!

Рафтиву дардо, дили шайдо
фиғон дорад ҳанӯз,
Ҷон ба сони кӯдаки танҳо
фиғон дорад ҳанӯз,
Дар гуноҳи мо
хатои мо
фиғон дорад ҳанӯз,
Гуфтаву ногуфтаҳои мо
фиғон дорад ҳанӯз...

Рафтиву ман мондаам
дармондаи дармони худ,
Рафтиву ман зиндаам
бо шодии гирёни худ,
Рафтиву аз ғам намурдам,
ханда кардам аз алам,

Аз ту домангир не,
мегирам аз домони худ!*

**** Соли таълифи ин таронаи навқаламонаи муаллиф маълум нест.***



ЧАШМИ СЕВУМ

Шеъри ман обилаи хоми кафи пойи хаёл аст,
Мекафад ҳар рӯз сад бор,
Дар талоши ҷодапаймоии як инсони худхоҳ.
Як худсоз,
як худбоз,
Як танҳои аз рӯзи азал
танҳову аз ҷонкандани танҳоӣ ноогоҳ,

То даме ки хуни ман
Аз ҳасрати ғамзои мурдан
Мурда-мурда мекашад бонгак,
Шеъри ман аз зулмати исёни шарёнам,
В- аз дурахши чашми сеюумам,
ки дар пешонаи рӯҳ аст,
Мекашад то ҷони ҷонам ноқили нур,
Ноқили ҷонбозии як бардаи аз ду ҷаҳон озод -
Як биноӣ кӯри кӯр,
Як ғамсур,
Як рушод,
Як мастур!..

* * *

То даме ки ҳарзагӯии сухан
Дар ростгӯйии расан
гумкарда меҷӯяд,
Шеъри ман аз растахези гулситони пажмурида,
В-аз фиғони ғунчаҳои сарбурида,
Чун гули хорошикан беҳуда мерӯяд...
Бо мани бе ман,
Зи роҳи дидаи хуршед
Роҳи бероҳии дилҳоро ҳамепӯяд,

З -остон то осмонам мебарад дар шаҳпари худ,
Аз ҷаҳоне,
то ҷаҳоне,
ки хато рӯидаам дар мазраъаш,
Ҳамчу гандумдонае,
Пештар аз иштибоҳи волидайни хештан...

Шеъри ман аз ҷавҳари кайҳони озаркуш,
То гили хокистари инсони ҷавшанпӯш,
Роҳи милюнсоларо
паймуда дар як дам,
Аз шикастан,
аз фусурдан,
аз намурдан,
Медиҳад дар ларзаи оҳе наҷотам...

* * *

Шеъри ман акси садои ишқи поку безавол аст,
Восифи ишқи худои лоязол аст,
Ҳам суоли беҷавоб аст,
Ҳам ҷавоби бесуол аст.
Ҳам шабу рӯз аст,
Ҳам ғаму шодист,
Ҳам нав асту ҳам кӯҳан,
Ҳам савобу ҳам вубол аст.
Нола дар нол аст,
Ҳолати ҳол аст...

* * *

Шеъри ман фарёди бемории худкоҳист,
Арзи танҳоист,
Узри хоҳиш аст.
Дар баҳори хушкбаргон,
Дар мазори ғурамаргон,



Ки зи пушти шоирон рафтанду дигар бар нагаштанд,
Ки чу оҳи орифон
дар тавбаи худхорӣ бишкастанд,
Ки барои шеър мурданд,
Ки ба ҷойи шеър мурданд,
Шеъри ман маҳзунтарин,
гирёнтарин
сури ниёиш аст...
1998

**МАРАВ!**

Ишқи ту оғозу анҷоми ман аст,
Ишқи ту инъоми яздони ман аст,
Марги фардеро чунин осон магир,
Рафтани ту рафтани ҷони ман аст,
Бенишонам, эй нишони ман марав,
Фасли гул аз гулситони ман марав,

Бе ту ҷон аз ларза бархӯрдор нест,
Шеъри ман ҷуз ҳарзаи такрор нест,
Бе нихоли ишқи ту дар зиндагӣ,
Боғи умрам хушбару хушбор нест,
Дилситону ҷонситони ман,марав,
Зиндагии ҷовидони ман марав!

Дидаам бо дидаат бо сад забон,
Гӯяд аз танҳоии ман достон,
Эй яки бигрифта ҷойи ҳазор,
Эй баҳори сурху сабзу арғавон,
Омада, бар ҷойи ҷони ман, марав,
Н-омада бар ҷойи ҷони ман марав!
2003



ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ИШҚ...

Ман шаҳрванди Ҷумҳурии ишқам!
Китоби сарнавишти маро
Бо савоби гуноҳ
ишқхоҳ
нигоштаанд.
Гувоҳномаи зодрӯзамро
Дар булӯри нигоҳ
беиштибоҳ
нигоштаанд:
Шӯъла дар санг,
Оҳ дар оҳанг,
Ранги берангӣ
Ҳузни бемаргӣ,
Хуниву ҷонӣ,
Хокиву фонӣ,
Духти афсона,
ҷовидона…
Озари озармоҳ,
оташи оҳ,
Паёми Меҳргон
бар Сада,
Шукуфае дар бадани боғи яхзада,
Сиришки рӯдбори хушк,
Зодаи барқи зимистон,
Хандаи гумгаштаи Хуршеди сарди Ошиқистон...

* * *

Ман шаҳрванди Ҷумҳурии ишқам!
Шаҳрванди ҷумҳурие,

ки ойинаи адолаташро
ғубор нест,
Ойини пири фазлашро
ҷаҳл ойинадор нест,
Ойинномаи меҳрашро
ҳарфи сактадор нест,
Шуураш аз дурӯғи шиор
заҳрдор нест…
Ҷаҳолаташ ҳақорат накорад,
Нусраташ касофат наорад,
Шери ҷангали сиёсаташ
рӯбаҳтабор нест,
Ёвари ҳақиқаташ ёва,
Довари адолаташ
ҳуққабозу ришвахор нест...

* * *

Ман шаҳрванди Ҷумҳурии ишқам!
Дар қаламрави орифонаи Миллати ишқ
Дил қабила надорад,
Макр сила надорад,
Меҳр ҳилла надорад,
Сафед сиёҳ нест,
Бегуноҳӣ гуноҳ нест.
Барои фисқу фасод ,
Дар васиқаи дод,
Чоҳ ҳаст,
гоҳ нест,
роҳ нест,
Барои рӯсиёҳу рӯсапӣ,
Варта ҳаст,
дор ҳаст,



ҷилвагоҳ нест…

* * *

Ман шаҳрванди Ҷумҳурии ишқам!
Парчамам -
боли ҳафтранги шаҳпарак аст,
Нишонаи рамзам-
ахтари шабнам аст
дар барги тоҷгул,
Оҳанги Суруди Миллиямро
Офарида ҳазрати Булбул,
Таронаи Миллии ман,
Дар забони нигоҳи ман аст,
Ҳамзабони нигоҳи ман аст,
Зи инқилоби дидаву дил,
Зи сӯзи набзи ишқхоҳи ман аст!...

* * *

Ман шаҳрванди Ҷумҳурии Ишқам!
Меҳани ишқ меҳргоҳи ман аст,
Миллати ишқ додхоҳи ман аст,
Офтоб бӯсахоҳи ман аст,
Чашми ошиқ додгоҳи ман аст,
Ишқ подшоҳи ман аст!

Ман шаҳрванди ҷумҳурии ишқам!
2007

*ЯК*
*ШАРШАРА*
*НУР*

**ЗИНДАГӢ МЕГУЗАРАД...**

*Барои дӯстам С. Саидбек*

Зиндагӣ мегузарад тирадилу хиранaзар,
Тоҷи Маҳмуд ба по,
Чоруқи Аёз ба сар.
Дар лаби бефараҳӣ
воҳи шабу оҳи саҳар,
Зиндагӣ мегузарад.

Фасли дил мегузарад,
сардии ҷон мемонад,
Ашки гул дар қадаҳи барги хазон мемонад,
Нафасе аз нафаси бенафасон мемонад,
Зиндагӣ мегузарад.

Зиндагӣ мегузарад,
неку бадӣ мегузарад.
Шаҳиву бандагӣ,
девиву дадӣ мегузарад,
Дар дами лаҳза
наҷоти абадӣ мегузарад,
Зиндагӣ мегузарад...

Андар ин фалсафаи чокари идрок шудан,
Андар ин ҳандасаи дар гили худ пок шудан,
Андар ин рафтану пас н- омадану хок шудан,
Тифли афлок шудан -

Охирин фасли ҳавас,



Фасли инсон будани инсон аст.
Вопасин оҳи нафас,
Дар суоли зи куҷо то ба куҷо
пинҳон аст,
Зиндагӣ мегузарад...
2001

## ҚАЛАМБОҒ

*Барои дӯсти шоирам С. Маъмур*

Мо ятимони муҳаббатгушнаем,
Гушнаҳои сер аз нони алам.
Бор карда бори дарди хешро,
Лоҷарам бар дӯши ғампӯши қалам.

Мо ба ҷойи зочаҳои кӯдакӣ,
Бо ғаму ғамбода бозӣ кардаем.
Зери санги осиёби зиндагӣ,
Донаро аз хеш розӣ кардаем.

Оҳи мо печида дар нойи қалам,
Ҳузни мо бинҳуфта дар ҳойи қалам.
То зи пайванди сухан чун найшакар,
Як қалам сабзида дар пойи қалам.

Бо қалам нозем нози хешро,
Бо қалам розем рози хешро,
Аз қалам хоҳем шарҳи пуралам,
Қисмати шебу фарози хешро...

* * *

Дӯстам, дар гулшани сабзи сухан,
Бехазон хоҳам қаламбоғи туро.
Гулфишон хоҳам зи яздон, гулфишон,
Умри дар шасти аламбоғи туро!
2004



## ДАРД

*Барои Моҳрухсор*

Аз роҳи дида мекашам
бори гуноҳи дил,
Ҷони камаршикастаи ман
дард мекунад.
Дар бистари сиёҳи шаб
хобам намебарад,
Дандони ақли хастаи ман
дард мекунад.
2005

## ЗАНИ ТАНҲО

*Барои Амалхонум*

Зани танҳо дили озурда дорад,
Нигоҳи хаставу афсурда дорад.
Зи раҳпоӣ
умеди ноумедӣ,
Зи танҳоӣ
чароғи мурда дорад.

Кунад тақдир ҳар дам имтиҳонаш,
Занад тири алам бар ҷойи ҷонаш,
Азизи рафтаашро бар наорад,
Ба сӯйи бахту тахту хонадонаш.

Зани танҳо саодатофарин нест,
Ба тахти орзу болонишин нест.
Касе монанди ӯ гирён нахандад,
Касе монанди ӯ бо ғам қарин нест.

Зани танҳо фиғон дорад, сухан не,
Ғами бинҳуфта дорад, анҷуман не,
Ба боғи орзуҳои хазонаш,
Гули андӯҳ рӯяд,ёсуман не.

Зани танҳо дили ойина дорад,
Дили булбул даруни сина дорад,
Гули пажмурда дар гулдони хотир,
Зи боғи ҳасрати дерина дорад…



Зани танҳо сафоро дӯст дорад,
Вафои беваафоро дӯст дорад.
Ба ҷойи бехудону бехудоён,
Зани танҳо худоро дӯст дорад!
2006

## ҚАТЛИ СУХАН

***Манат рафтам, ту ҷовидон бимонӣ!***
***Робиаи Балхӣ***

Дар дили пуркинаву пурормони Ориёно,
Боз як озодаро куштанд,
Дар шаби тори умеди ноумедон,
Машъали тобандаро куштанд,
Боз дар гаҳвораи бесоҳиби ишқ,
Духтари нозодаи Робиаро куштанд,
Бо гуноҳи як ҳазору анд соли бегуноҳӣ,
Боз як бори дигар Робиаро куштанд...
* * *
Ахгаре то дар гили хокистари зиллат насӯзад,
Ахтаре то қалби зулматро наафрӯзад,
То бимонад анҷуман бе Анҷуман *,
То бигиряд кӯдаки нози сухан,
Модари озодаро куштанд,
Шоири дилдодаро куштанд,
Дар китоби нотамоми ишқ,
Боз як сарводаро куштанд…
* * *
Қатли зан,
қатли сухан дар Ориёно,
Андар ин гулбоғи шоирхези шоиркуш,
Кайфари собиқадор аст.
Робиа,
Тоҳира,**
в-инак Нодия,
Дар гулистони хазони Ориёно,



Зан гули бенавбаҳор аст…
* * *
Ман,
мани сад бор аз чанги аҷал раста,
Аз тавони нотавонӣ
В-аз забони безабонӣ,
Пеши яздони сухан
лолу забуну шармсорам.
Дар сари гаҳвора-тобӯти занони чун фаришта,
Дар мазори андалебони зи хоки ғам сиришта,
Рӯйи гӯри хоҳарони нозанинам-
шоирони ҷаҳлкушта,
Ҳамчунон норинҷаки хунсонагашта,
Дил, дили хуншори худро мегузорам:

То битаркад,
То ки ҳар як пора дил
бо сад забон,
Аз ғуруру аз шукӯҳи ишқи зан
шеван кунад.
Қатра-қатра
хуни аз таҳқиру аз тазвир сӯзон,
шӯъласон,
Бошадо як лаҳза,
як андӯҳ,
як ғам,
як ҳақиқат,
Чашми кӯри ховарии ҷалҳро
равшан кунад!..

-----------------------------------------------
*** Нодия Анҷуман шоираи ҷавонмарги**

*ҳиротӣ.Самари умри кӯтоҳаш дафтаре шеър будаву тифлаке ширхора.*
***** Шоираҳои бузурги мо, ки дар қарнҳои гуногун танҳо бо» ҷурм-»и зан будан ба қатл расидаанд.***
***Чунин падидаи шармовар, гумон меравад дар таърихи адабиёти ҷаҳон назир дошта бошад. ( Муаллиф)***
***2006***



**ФАСЛИ ОҒОЗИ ТАМУЗ**

***Барои дӯсти ҳамсабақам***
***Ҷ. Назрӣ***

Вақт чун қосиди сармаст расад бар дари ту,
То хато сабт кунад фасли шукӯҳи фари ту.
Аз сари қулла гули сурхи шафақ хоҳад чид,
Он ки ҷӯёи нишонест зи барфи сари ту.
Дар ҳама сангару пайкор сипар бод,сипар,
Дафу сантури ту, оҳанги паёмовари ту.
Эй ки бебода зи паймонаи ҳастӣ мастӣ,
Бод лабрези майи фалсафазо соғари ту.
Фасли оғози тамуз асту ҷигарсӯзии умр,
Сабз бодо гули илҳоми баҳорофари ту!
2006

### *НАВРӮЗӢ*
***баройи наққош А. Сайфиддин***

Сури майю шӯри най
муборак бодо,
Наврӯзи хуҷастапай
муборак бодо.
Навгонии гулнигори дунёи куҳан,
Бар Оли Курушу Кай
муборак бодо!
2006



### САБР
***Барои Қурбоной.***

Ало, ойинадори дӯстдорӣ,
Ало, фурсатшумори интизорӣ,
Ало, қурбонии беминнати ишқ,
Ало, миннатгузори дӯстдорӣ,
Ту худро ҳисса кардӣ, қисса кардӣ,
Ки афзояд шумори дӯстдорӣ.
Дигар аз дӯши дил бегила афкан,
Ба пойи ғусса бори дӯстдорӣ.
Ҳарифи чашму рӯйи офтобӣ,
Бурун шав аз ҳисори дӯстдорӣ,
Ки дар олам даме хушбахт будан,
Ҳамеарзад ба умре интизорӣ!
2006

## ШАСТ ДАР ШАСТ

***Барои дӯсти ҳамсабақам***
***А. Абдуманнонов***

Бас тор гусасту нағмаи мо
болост,
Бас шӯҳра намонду шӯҳрати мо
бо мост.
Чун бо фари ишқ
зиндагонӣ кардем,
Шаст омаду шасти мо
чу пешин барҷост.
**2007**



## БАЗМОРО

***Барои О. Қодир***

Дар маромат фарест ирфонӣ,
Дар паёмат ғамест арзонӣ.
Дар қиёмат рамест нофарҷом,
Дар ду чашмат намест боронӣ.

Хешро аз сухан ҳамеҷӯӣ,
Як қалам аз сухан ҳамерӯӣ,
Сатр дар сатр,
нукта дар нукта,
Ваҳдати анҷуман ҳамеҷӯӣ.

Аз ҷамоли фариштаи илҳом,
Шоире мисли ту
намеболад.
Гиряи носурудаи моро,
Ҳич кас мисли ту
наменолад.

Эй муҳаббатпаёми Меҳрафзун,*
Эй ҳамешаҳазини базморо,
Ҳич кас мисли ту намегиряд,
Хандаи ногиристаи моро.
2007

---

**** Тахаллуси Ортиқи Қодир***

## **ОЙИНА ШИКАСТ…**

***Дар сӯги дӯсти шоирам Қ. Аминпур***

Ойина шикаст,
Дили ойина шикаст,
Дил аз хабари марги ту
Дар сина шикаст.
Марг омаду ҳарфи ишқро ботил кард,
Фардо нарасиду нафаси дина шикаст…

***------------------------***
***Табрез. Тирамоҳ.***
***2007.***

**ЯК**
**ГУЛДАРА**
**РОЗ**

***( ҒАЗАЛИСТОН )***



## ВАСЛИ ҲИҶРОН

***Нӯшдоруиву баъд аз марги Сӯҳроб омадӣ!..***
***Шаҳриёр***

Оқибат аз васли ҳиҷрон омадам,
Хандагирён, гиряхандон омадам.
Баъд аз ин дигар магӯ:-Ҳоло чаро?
Бӯйи гул дар ғунча пинҳон омадам.
Хушксолиҳои умрамро мапурс,
Бо сиришки сабзи борон омадам.
Омадам, ту нестӣ, дардо, дареғ,
Бо фари дил, бо пари ҷон омадам.
Бӯйи «Ҷӯйи Мулиён» овардаам,
Аз диёри Оли Сомон омадам.
Ташнаи Зояндарӯди шоират,
Аз Варорӯду Зарафшон омадам.
Духти Эронвиҷи меҳру сеҳру ишқ,
Бо паёми Тоҷикистон омадам.
Соҳати Ирону Тӯронат куҷост?
Аз Бадахшон Орашистон омадам.
Ҳашт шаҳри ишқро паймудаам,
То ба шаҳри Шаҳриёрон омадам!
**2006**

## МУЖДАИ САБЗ

Фасли баҳор шуд, эй дури мо, биё,
Дар хандаи шафақ, эй нури мо  биё.
Кӯҳи ях об шуд, дарё пуроб шуд,
Бо чашмаҳо биҷӯш, дар зарраҳо биё.
Фасли тапидан аст, фасли дамидан аст,
Бо сабки шаршара ширинnаво биё.
Бо ғуссаҳо ситез, бо бӯсаҳо  бирез,
Дар уди дидаҳо рӯди зиё биё!
Рухсораи гулам, илҳоми булбулам,
Як боғ ғулғулам, най дар наво биё.
Бе ту баҳор нест, ишқу хумор нест,
Ишқу баҳори ман бо турнаҳо биё.
Рози нуҳуфтаам, нози шукуфтаам,
Шеъри нагуфтаам, шери худо биё!
Дар дафтари саҳар байтест мухтасар:
Яъне,  дигар  марав,  яъне, биё, биё!
**2006**



## ДАР ОЙИНАИ ДИДА

Аз васвасаи шайтон аз ишқ мадад хоҳам,
Аз валвалаи мастон аз ишқ мадад хоҳам.
Бо шишагии ҷонам, зери пари имонам,
Аз шасти забардастон аз ишқ мадад хоҳам.
Хованди диёри худ, дар банди ҳисори худ,
Аз деву дади инсон, аз ишқ мадад хоҳам.
Аз рафтани умри худ, аз дидани ожангам,
Дар ойинаи чашмон, аз ишқ мадад хоҳам.
Дар гӯшаи танҳоӣ, бо тӯшаи танҳоӣ,
Дар ғамкадаи ҳиҷрон аз ишқ мадад хоҳам.
Бо сӯзаму бо созам, бо дини ватансозам,
Аз кини ватанбозон, аз ишқ мадад хоҳам.
Озодаву дилдода, бо табъи худодода,
Аз зиндагии зиндон аз ишқ мадад хоҳам.
Аз пастии сармастӣ, аз нестии ҳастӣ,
Аз фалсафаи яздон, аз ишқ,  мадад хоҳам.
2006

## БО БОДАВУ САРВОДА

Хуршед ба бом омад,
ишқ аст, ки меояд,
Субҳ аст, ки шом омад,
ишқ аст, ки меояд,
Васл омаду ҳиҷрон рафт,
мушкил буду осон рафт,
Ғам-бода ҳаром омад,
ишқ аст, ки меояд.
Дунёи куҳан нав шуд,
зулмат ҳама партав шуд,
Он олимақом омад,
ишқ аст, ки меояд.
Аспи сара ёғӣ шуд,
оҳубарра роғӣ шуд,
Сайёд ба дом омад, ишқ аст, ки меояд.
Ҳар гулдара соҳир шуд,
ҳар шаршара шоир шуд,
Илҳоми калом омад,
ишқ аст, ки меояд.
Аз оташи худсӯзӣ,
аз сӯзи худафрӯзӣ,
Хунам ба қиём омад,
ишқ аст, ки меояд.
Бо бодаву сарвода
,бепардаву бебарда,
Ҷам аз пайи Ҷом омад,
ишқ аст, ки меояд.
Он кист, ки меояд,
то ки наравад дигар?
Аз арш паём омад:



- Ишқ аст, ки меояд!    2006

## ДУДАВУ ДИДА

Дар шаҳр касе нест, ки бо дида бибӯсам,
Бо чашми ҳавас дидаву нодида бибӯсам.
Аз пойи нигоҳе бикашам хори гуноҳе,
Аз гулшани рӯйе гули ночида бибӯсам.
Бо атри нафас боз кунам ғунчаи розе,
Аз накҳати нозе таби нозида бибӯсам.
Дар озари озарм шарр асту шараре нест,
Соҳибназаре нест, ки шармида бибӯсам.
Дар сурати ин мардуми дилмурдаву хунсард,
Шавқу шараре нест, ки завқида бибӯсам.
Дар дидаи ин уммати чун шаршара гирён,
Шамси * дигаре нест, ки хандида бибӯсам.
Раҳ месипарам аз дилу аз дидаи як шаҳр,
Як рагузаре нест, ки болида бибӯсам.
Дар шаҳри нигаҳҳои пур аз барфу пур аз дуд,
Сӯзи нафаси доғи чӣ кас чида бибӯсам?!

**2005**

**-----------------------------------**

**** Шамси Табрезӣ, офтоб.***



## ХОБИ МАСТӢ

Аз ёд бурдаӣ маро
чун хоби мастият,
Бо ёди ман наметапад
Варзоби ҳастият.
Ту сози пурфасонаӣ
дар пардаи нишот,
Ман сӯзи бетаронаам
дар тоби ҳастият.
Аз ту пур аст
диду надиди вуҷуди ман,
Холист ҷойи акси ман
дар қоби ҳастият.
Бо об арза мекунам
хоби надиданат,
Бо бод ҳарза мекунам
аз боби ҳастият.
Дар сураи вуҷуди ту
оёти ишқ нест,
Холист аз суҷуди ман
меҳроби ҳастият.
**2005**

## ЗАНГӮЛА

Ман аз фиғони қалби худ
Бедор мешавам,
Аз хоби мурда зистан
Нофор мешавам.
Хоби маро ситораи чашме рабудааст,
Чун субҳ аз вуҷуди шаб
изҳор мешавам.
Аз қолаби вуҷуди худ
берун ҳамеравам,
Ойинадори оташи рухсор мешавам.
Пайғоми ишқ дар дилам
зангӯла мезанад,
Чун шоҳдухти хуфтае
бедор мешавам.
Фардои нозанини ман
дирӯз будааст,
Ҳузни паёми қосиди анвор мешавам.
Дар пушти умри носара
як асп хотира,
Дар зери бори ори худ
афгор мешавам.
Сӯзест дар дами ҳаво
ҳамнағмаи наво,
Чун шӯъла гул намудаву гулкор мешавам.
Дар ларзаи ҳаво
нафасе ҳарза мекунад,
Ман аз садои хуни худ
Бедор мешавам...
**2005**



## ҲАҚСИТОН

Дар таби ғусса
ғамнишонам ман,
Дар лаби хӯса
достонам ман,
Дар дилам метапад
гили ҳастӣ,
Зиннати миннати ғамонам ман.
Набзи ман зери панҷаи ишқ аст,
Дар дами лаҳза
ҷовидонам ман.
Бар алайҳи замонаи ботил,
Ҳақситони ҳақи ҳақонам ман.
Як варақ ишқномаи рӯъё,
Сад варақ шарҳи лобаёнам ман.
Дар китоби муҳаббати Миллат,
Сад Ватан,
сад Ватан фиғонам ман.
2006

## ЗАХМУ ЗАХМА

Эй зи ҳама набудаҳо,
будаи бебақои ман,
Эй зи ҳама нарафтаҳо,
рафтаи бебаҳои ман,
Шиҳа намекашад дигар
Рахши дилам барои ту,
Шӯъла намедамад дигар
аз нафаси ҳавои ман.
Барқ намезанад маро
аз шарари нигоҳи ту,
Раъд наметапад дигар
дар садафи садои ман.
Нағма будам,
захма будам,
навҳа будам барои ту,
Нур будӣ,
сур будӣ,
сура будӣ барои ман.
Ишқи ту буд баҳри ман
он чӣ надошт ҳич кас,
Ишқи ту ҳаст, войи ман,
ҷоизаву ҷазои ман.
Аз ҳама буда ҳеч монд,
ҳарзаи ларзапеч монд,
Нози набуда будан аст
гиряи хандаҳои ман.
Ёди маро намоз кун,
умри маро дароз кун,
Мурдани ишқ саҳл нест,



сода мабин азои ман.
Дидани ту барои ман
дидани шамс буд,
лек,
Дида набинамат дигар
«Шамси ману худои ман!».*

**2005**

---------------------------

** Аз Мавлоно*

## НОЗИ ГУЛ

Шаббода таҳорат кард
бо шабнами нози гул,
То пок фуруд ояд
дар пойи намози гул.
Бо шаршара мегиряд,
бо соиқа механдад,
Кӯҳи яху барфи пир
чун шаъбадабози гул.
Дар нағмаи боронӣ созест накисой,
Аз Борбади ишқ аст
сарводаву сози гул.
Гул кӯдаки афлок аст
чун шаҳпараку ору,
Худсӯзу худафрӯз аст
наврӯзнавози гул.
Бод аст, ки мебозад
бо зулфи дарози гул,
Ишқ аст, ки менозад
бо ҳусни тарози гул.
Бо ҷилваи ҷонона,
бо хандаи тифлона,
Афсонаи бемаргист
умри гулу рози гул.
2005



## ДАР БИСТАРИ ШАББОДА

Дорам сари танҳоӣ
бар шонаи шаб имшаб,
Бо гурги алам ҷуфтам
дар лонаи шаб имшаб.
Дар гирди чароғи ҷон
пархаставу парафшон,
Рақсида ҳамемирад
парвонаи шаб имшаб.
Бо чашму дили холӣ,
бо нолаи беҳолӣ,
Нокишта самар хоҳам
аз донаи шаб имшаб.
Хоби ту пур аз боғ аст
дар бистари шаббода,
Ҷуғдест ба хуни ман
нолонаи шаб имшаб.
Дар маҳфили бехобӣ,
бо шеваи бетобӣ,
Девони маро хонад
девонаи шаб имшаб.
2006

## РАНГИ БЕРАНГӢ

Ин қадар зиндагӣ сияхранг аст?
Ин қадар чашми бандагӣ танг аст?
Ин қадар ҳусни боҳунар қубҳ аст,
Ин қадар ҷурми беҳунар шанг аст?
Ин қадар нони бенаво хушк аст,
Ин қадар ҷони барда аз санг аст?
Дар хаёлам гуле намерӯяд,
Монии дида дуди «Аржанг» аст.
Сулҳ мегӯяму намеғанавам,
Шом то субҳ дар дилам ҷанг аст!
Ҳарфи ман дар гулӯйи хомӯшӣ,
Тир дар тирдони оҳанг аст.
2006



## ҶАНГУ СУЛҲ

Дар дилам ашку оҳ зиндонист,
Дар гилам кӯҳу коҳ зиндонист.
Гиряаам хандаро кунад гирён,
Хандаам гиряхоҳ зиндонист.
Ҳастиям дар нигоҳ зиндонист.
Дар лабам ҳарфи ишқ мемирад,
Ишқи ман дар нигоҳ зиндонист.
Ҳар куҷо бингарам асире ҳаст,
Дар асорат сипоҳ зиндонист.
Субҳ фарзанди қотили шом аст,
Шоми ман дар сабоҳ зиндонист.
Ҷанг бо сулҳи ман намесозад,
Амни ман дар силоҳ зиндонист.
Бо ҳама шаҳпариву шаҳбозӣ,
Дар парам санги роҳ зиндонист.
Бе пиёда чӣ мекунад фарзин?
Бе гадо подшоҳ зиндонист!
Дар гуноҳам савоб озод аст,
Дар савобам гуноҳ зиндонист.
***Душанбе. 2001***

## САНОИ ИШҚ

Садоят мекунам, эй ишқ,
эй неруи созанда,
Саноят мекунам, имрӯз,
эй дирӯзи оянда.
Суроғат мекунам,
аз нуру зулмат,
аз ғаму ҳасрат,
Зи сӯзи шодии маҳзун,
зи сози гиряи ханда.
Ало, фарҳанги Зандофар,
ало озоди бандофар,
Туро хоҳам шудан бандӣ,
туро хоҳам шудан банда.
Ҷамоли ҳастии ман бош,
ҳоли мастии ман бош,
Ало, оғози беанҷом,
ало, бунёди поянда.
Дар ин фасле, ки анбӯҳи дарахтон барг мегирянд,
Башорат деҳ ту
аз наврӯзи фардои наоянда.
2006



## СОЯИ ТОРИКӢ

Ту куҷоӣ, ки ҷаҳон дар назарам торик аст,
Шамси иқбол ба болои сарам торик аст.
Зи паи соя дигар дидани худ менаравам,
Шаҷарам хушкнамову самарам торик аст.
Қосиди нураму аз тирагӣ афтода ба чоҳ,
Асарам дар асари беасарам торик аст.
Ба ҷаҳон баҳри чӣ кор омадаам, ҳайронам,
Ҳама ҷо дар назари пуршарарам торик аст.
Ишқ мегӯяму аз ашк садо мешунавам,
Шӯълаи тораму сӯзи назарам  торик аст.
2005

## ГУЛБОНГИ ҲАВАС

Ба ман офтоб бахшо,
зи ҳавои абрдорат,
Шарари шаҳоб бинмо
зи нигоҳи барфборат,
Қафаси фасона во кун,
ҳаваси маро садо кун,
Зи дили умедборат,
ба Гули умедворат.
Зи сароб мерасӣ ту,
чу сароб мерасӣ ту,
Чу дурӯғи саъдиёна
ба фурӯғи интизорат.
Ба худо, ки ҳар чӣ дорам
сари сӯзане наарзад,
Ба санои орзуят,
ба салои ифтихорат.
1999



## БАҲОР ДАР БАҲОР

Сари ман ниёз дорад
ба фарози шонаи ту,
Ҳавасам ситора чинад
зи фазои хонаи ту.
Зи ту ҷони ҷони ман пур,
ҳама достони ман пур,
Чу дуост дар лаби ман
тараби таронаи ту.
Ту ки баъди ман расидӣ,
ҳама саъди ман расидӣ,
Туву гулфишони шодӣ,
ману шодиёнаи ту.
Ту хумор дар хуморӣ,
ту баҳор дар баҳорӣ,
Чӣ ҳақиқатест зебо
фароҳи фасонаи ту.
2000

## ДӮСТАТ ДОРАМ!

Ҳанӯз, эй талхи ширин, дӯстат дорам,
Ҳанӯз, эй шоди ғамгин, дӯстат дорам.
Зибаски бӯйи ҳасрат мекунад ёдат,
Ҳанӯз, эй меҳр дар кин ,дӯстат дорам.
Ҳанӯз, эй рашк дар дил, ашк дар дида,
Ба ёди фасли гулчин дӯстат дорам.
Ҳанӯз, эй бенишони гулфишони ишқ,
Паси девори барфин, дӯстат дорам.
Зи беёдии ёди яккафарёде,
Ҳанӯз, эй ёди дерин, дӯстат дорам.
Зи худ бигсаставу бо ту напайваста,
Ҳанӯз, эй бахти хоин, дӯстат дорам.
Миёни ишқи мо як зиндагӣ роҳ аст,
Ҳанӯз, эй ҷони ширин, дӯстат дорам.
Ба рашки ман, ба ашки ман намеарзӣ,
Намеарзӣ, валекин дӯстат дорам!
2006



## ҚОСИДИ ХУРШЕД

Аз чашма биомӯзед
оҳанги тапиданҳо,
Аз қатра биандӯзед
фарҳанги дамиданҳо.
Фарёди ниҳоне ҳаст,
шодии фиғоне ҳаст,
Дар шӯри фишурданҳо,
дар сури вазиданҳо.
Дар пойгаҳи ҳастӣ
бадҷаҳл намедонад,
То ҳеч расиданҳо,
аз ҳич давиданҳо.
Ойина сияҳрӯй аст
дар зулмати худбинӣ,
Сад ҷурми сияҳ дорад
ойини надиданҳо.
Донам, ки намедонам,
асрори зуҳури худ,
Аз хеш ниҳон будан,
то хеш расиданҳо.
Дар зарра ҷаҳоне ҳаст,
дар ғунча хазоне ҳаст,
Роҳест зи бероҳӣ
то хеш хазиданҳо.
Аз умр ҳамемонад
зангӯлаи хомӯшӣ,
Дар гӯши фаромӯшӣ,
аз шавқи тапиданҳо.
Эй зишттар аз ангишт,

аз чашми зиёям пишт,
Ман қосиди хуршедам
дар шоми надиданҳо!
2000



## БЕГАЗАНД

Китоби ишқи ман Вуст аст,
Занд аст,
Хати тақдири ман андарзу панд аст.
Фари яздониву ирфонии ман,
Зи хуршед аст,
аз чархи баланд аст.
Ғурури шири озар хӯрдаи ман,
Чу ори ориён олиписанд аст.
Фуруғи Ориёна ҷовидона,
Шукӯҳи Ориёно бегазанд аст!
2006

## АШКИ СИТОРА

Дар марги ишқ бар сари олам гиристам,
То охирин дами алам мотам гиристам.
Ғамдори хушкбории гардуни сабзкуш,
Аз ашк нам кашидаву шабнам гиристам,
Дар ҳанҷара қиёмати қоими ишқ, ишқ!-
Ҷойи Ҳаво зи фурқати Одам, гиристам.
Аз ҳаҷр зард гаштаву чун барг рехта,
Ҷонташнаи висоли ту Замзам гиристам.
Бо ёди ғамзаи фараҳ
дар дилситони ҷон,
Барқона ханда кардаму мотам гиристам.
Дар чашми шаб ситорае гар буд, ашк буд,
Як осмон ба ёди ту шабнам гиристам.
2006



## НУРУ НОР

Ғуруб асту тулӯъи ховарам деҳ,
Зи нури Ғарб нори Хо0варам деҳ.
Ҳазорон чашми нобӯсида дорам,
Зи кайфи як нигоҳе кайфарам деҳ,
Дили ман кӯзаи зардоби ишқ аст,
Зи ашки васлу ҳиҷрон соғарам деҳ,
Мане, ки кишвари сад дил кушодам,
Зи ишқи шоҳмарде кишварам деҳ.
Зи дунё ишқ мехоҳам, дигар ҳич,
Зи ҳиче ҳосили баҳру барам деҳ.
Зи фардое, ки бо дирӯз қаҳрист,
Умеди сабзи хуршедофарам деҳ.
2006

## ЁДГОР

Ишқи рафтаро дидам,
пиру хаста меомад,
Аз гузашта меомад,
паршикаста меомад.
Пойи орзу дар гил,
бениёзу беҳосил,
Дар кафаш дили мурда
фаршикаста меомад.
Дар сараш гили ҳиҷрон,
дар дилаш ғами гирён,
Гул набуд дар дасташ,
дасти баста меомад.
Фар набуд дар шасташ,
ҷон набуд вобасташ,
Сар набуд сармасташ,
саршикаста меомад.
Аз диёри ҳечистон,
аз мазори ёдистон,
Такядори танҳоӣ
пиру хаста меомад.
2006



## ҲУМОИ ҚАФАС

Ба касе нест дигар ишқи ҳавову ҳавасам,
Ба хасе нест раво шеваи афсурдакасам.
Ёд аз он давр, ки фарёди хамӯшон будам,
Оҳ дар оҳ бувад зузаи фарёдрасам.
Дар диле даф назанад хандаи гулрухсорӣ,
Дар лабе гул накунад бӯсаи сабзи нафасам.
Равнақи беҳунарон марги ҳунармандон аст,
Гӯши ҳуше накашад бонги ғурури ҷарасам.
Дар дили беҳавасу танги қафас хоҳам мурд,
Бехабар з- он ки ҳама умр Ҳумои қафасам.
2007

## БОҒИ ПИР

Байни наврӯзу кӯҳнарӯзи вақт,
Тир дар тирдони фарсанг аст.
Дар канори сабӯйи бефазлӣ,
Сулҳ ҷоми шикастаи ҷанг аст.
Аз гузашта ба фарқи оянда,
Мушти афсӯс миннати санг аст.
Гар зи нози баҳор розе ҳаст,
Пардадори хазони пурчанг аст.
Боғи ин марди пир ҳамсонаш,
Хушку беинтизору беранг аст.
2005



## НОУМЕД

Бо баҳори нав баҳори ман наомад,
Дар бағал як боғ, ёри ман наомад.
Авҷи лолии нафирам,
ғуссапирам,
Нури чашми интизори ман наомад.
Бо парасту, бо навиди омади ид,
Қосиди ишқу хумори ман наомад.
Кӯҳнарӯзии маро наврӯз дида,
Гулнигору гулнисори ман наомад.
Гиряборони зимистон рафт, дардо,
Як ҷавона хандабори ман наомад.
Дилпарасте дил набурду дил набахшид,
Дилфиребе дӯстдори ман наомад.
Бо чароғи дидаву дил, чун муҳосил,
Дар бағал як боғ, ёри ман наомад.
2005

## ЗАВОЛ

Васли ғуссазо дорам,
Ҳаҷри носазо дорам,
Този дар гулӯ монда,
Сӯзи ғамфазо дорам.
Аз ҳама дили холӣ,
Бо ҳама ғазо дорам.
Зомини заволи ишқ,
Миннати қазо дорам.
Фасли ҷойза бигзашт,
Як чаман ҷазо дорам.
Ошиқони ман мурданд,
Як Ватан азо дорам!
**2005**



## МУРҒИ ШАБГИР

Нағмапардози базми мо тир аст,
Ҳуснорои ишқ тақсир аст.
Шӯълаи чашм сарду беҷон аст,
Ҳалқаи хашм доми тазвир аст.
Як Ватан, як чаман ҷавонмарг аст,
Боғбони ғурури мо  пир аст.
Ҳар чӣ дар мо ҷавону зебо буд,
Ғӯрамарги риёву тазвир аст.
Нози мо дар фиғони ҳасрат мурд,
Рози мо сози мурғи шабгир аст.
Субҳро шом зоду шомаш кушт,
Шир дар  чашми кӯр чун қир аст,
Шони мо мурдабони иззат шуд,
Шаъни мо зиндадори таҳқир аст.
2001

## БЕХАБАР

Бе ту самару асар надорам,
Дунёи таронафар надорам,
Бо боли фуруҳари нигоҳам,
Олам ҳама зери пар надорам.
Дар чашмаи чашми интизорам,
Ҷуз хуни дилу ҷигар надорам.
Аз ғайр зи будани набудат,
Асрори ниҳонатар надорам.
Бе ту на фар асту на фасона,
Бе ту зи башар хабар надорам,
Як умр ту аз маниву бе ман,
З-ин ҳасрати доғтар надорам.
Ҳар зарраи хуни ман пур аз туст,
З-ин сарвати бештар надорам.
**2001**



## ҒАМБОДА

Пирӣ аламӣ ниҳонӣ дорад,
Ғамбодаи ғамнишонӣ дорад.
Дар ҷавҳари хуни сарду коҳил,
Зардобаи заъфаронӣ дорад.
Дар чашму забону гунаву лаб,
Ҳузни гили гулфишонӣ дорад.
Доди ҳаваси нафасшумораш,
Боди баси зиндагонӣ дорад.
Неруи тавони нотавонаш,
Зӯри хаси нотавонӣ дорад.
Афсонаи будаи набудаш,
Ҳангомаи бенишонӣ дорад.
Пирӣ ҳаваси ҷавонӣ дорад,
Ин аст, ки зиндагонӣ дорад!
2001

## НАОМАДӢ

Наомадӣ, ки бишнавӣ
зи ноли ман навои ман,
Зи боғи гул салои ман,
зи рақси дил ҳавои ман.
Наомадӣ, ки бишнавӣ
зи чашми интизори ман,
Суруди гиряҳои ман,
фиғони хандаҳои ман.
Наомадӣ, ки бишнавӣ
сафири ошиқи навӣ,
Нидои сабзи ишқро
зи накҳати садои ман!
Наомадӣ, ки пар кашад
ба сӯйи ту,
ситорачӯ,
Суруши бӯсаҳои ман,
кабутари дуои ман.
Наомадӣ, ки оқибат
зи интиҳои бехудӣ,
Ба ибтидои худ расӣ,
зи марги ибтидои ман!
2001



## МАВЛОНО

Шоири мазҳаби ишқ,
Шаҳчароғи шаби ишқ,
Шоири миллати дил,
Табарези таби ишқ.
Нашикастӣ, ки шикаст,
Қоб дар қолаби ишқ.
Ҳарф дар ҳарф шукуфт,
Ҳама ҷо матлаби ишқ.
Ҳаваси беқафасист,
Нафасат дар лаби ишқ.
Зи ту оташкада шуд,
Дили дил аз таби ишқ.
То ту бепайкара буд,
Ишқ, дар мансаби ишқ!
Бе ту Хованд надошт,
Миллату мазҳаби ишқ!
2007

## БАРОИ ТУ

Ҳамехоҳам, ки зебо бошаму барно, барои ту,
Ҳамехоҳам, ки ҷодӯ бошаму якто, барои ту!
Дар ин фасле,ки боғи орзу ранги хазон дорад,
Ҳамехоҳам гуле бошам, гули раъно барои ту.
Азизи ман, азизи оламе ҳастиву аз ман на,
Мабодо, захри танҳоии ман, ҷоно, баройи ту!
Ҳамехоҳам, ки танҳо бошиву танҳо барои ман,
« Барои ту ба дунё омадам, танҳо барои ту!»
Ҳамехоҳам, ки бошӣ, то ки бошам зиндаву бемарг,
Дар ин дунё, в-агар хоҳӣ, дар он дунё, барои ту!

2006.



## ХУМОРИ БЕМАРГӢ

Баҳор мерасад аз интизори бемаргӣ,
Сапеда медамад аз нури нори бемаргӣ.
Набишта дар варақи хинги раъд
шоири барқ,
Ба килки шаъшаъаафшон шиори бемаргӣ.
Ҳазор номаи рӯъё ба панҷаи бод аст,
Ба номи машъаладори баҳори бемаргӣ.
Зи набзи сабз ба ҳар барги сурх гап дорам,
Зи сӯзи гулназари рӯзгори бемаргӣ.
Зи чашми кожи аҷал сарпаноҳ мехоҳам,
Ба чашми ғунчаи гул дар канори бемаргӣ.
Самоъ мекунад андар забони чашмаву рӯд,
Таронаи тараби гирядори бемаргӣ.
Дуои васли ту хоҳам ман аз худои ишқ,
Сафири замзамаи ифтихори бемаргӣ.
Ба хирсхобии сахра намекунам бовар,
Ба гӯш шӯру сурури нигори бемаргӣ.
Дило, ҳавои сафар гир бо дафу сантур,
Ба сӯйи дилшудагони диёри бемаргӣ.
Баҳори ваъда расид, умри рафтаё, баргард,
Зи роҳи касмараси интизори бемаргӣ.

1998

**ЯК**
**ҲАНҶАРА**
**ОҲ**



## ҚУРАТУЛЪАЙН*

Дар фалакҳо,
        дар ҳарамгоҳи малакҳо,
Як фаришта
Имтиҳон аз сидқи имон медиҳад,
Бар расулони илоҳӣ.
Дар замин-
        дар  доми куфри одамизод,
Тоҳира ҷон медиҳад,
                аз гуноҳи бегуноҳӣ.
1991

## ГАРДИ СУХАН

***(Барои санги мазори  Ҳайдари  ЯҒМО,***
***шоири ғиштмоли Нишобурӣ  )***

Шоири ғиштмоли мо
Гарди сухан шамида рафт,
Аз кафи пои зиндагӣ
Хори ҳазан начида рафт.
Аз ғаму дарди худ нагуфт,
Ишқи Ватан суруда рафт,
Ашки Ватан ба дида рафт,
Меҳри Ватан надида рафт!
Нишопур.
1998

-----------------------------

** Нури дида. Тахаллуси шоираи қарни 19 эронӣ Тоҳира.*

## АРМУҒОН

Аз Эрон гул биёред, гул бикоред,
Гули ҳамрангубӯйи шеъри Ҳофиз.
Аз Эрон ҳадяи дигар нахоҳед,
Ба ҷуз ҷому сабӯйи шеъри Ҳофиз.

## ҒАФЛАТ

Ёдҳоро ёди ман афсурдааст,
Шодҳоро ҳузни ман озурдааст.
Зиндагиро зиндагипарвар куҷост,
Зиндаҳоро хоби ғафлат бурдааст?!
1997

## БОЗИХУНУК

Тирамоҳи тирарӯ
дар боғи ман ҷавлон кунад,
Тундбоди сард
гулзори маро вайрон кунад.
Ин чӣ зиллат,
ин чӣ иллат,
ин чӣ ҷаҳли носазо,
Миллати ҳуру фаришта
иззати шайтон кунад?!
1999



## ОҚИЛЕ НЕСТ…

Кӯдаке нест, ки афсонаи моро шунавад,
Гиряву хандаи тифлонаи моро шунавад.
Осиёнро ҳаваси беқафасӣ бурд ба гӯр,
Оқиле нест, ки девонаи моро шунавад.
1999

## ЧАШМИ ХОТИРА

Об аз сарам бигзашт,
чашми иззатам тар шуд,
Фозилам замин бӯсид,
қотилам музаффар шуд.
Рафта бар нахоҳад гашт,
монда монда аст аз худ,
Аз фиғони хомӯшам
гӯши зиндагӣ кар шуд.
1999

## ПОСУХ

Бо забони хомӯшӣ
рози сад ҷаҳон гуфтам,
Пурсиши нигоҳатро
посухи аён гуфтам.
Ишқ ҷовидонӣ нест,
бо ғамат ҳамемирад,
Ин манам, ки фониро
умри ҷовидон гуфтам.
1999

## ҲИММАТ

Магӯ, к-аз даст додам ҳимматамро,
Надонам нархи қадру қимматамро.
Ду « Айнӣ»* дода як айнак харидам,
Ки бинам пеши пойи иззатамро.
2005

## БЕ ҲИЧ КАС

Нестам ман интизори ҳич кас,
На хуморӣ,
на хумори ҳич кас.
Ту маро
бе ман махон
то ҳич сӯй,
Аз мани бе ҳич кас
худро маҷӯй!
2004

---------------
** 5-сомонӣ бо акси устод Айнӣ дар назар аст.*

## БЕСАФОӢ

Ҳавасе нест диламро ба тамошо бубарад,
Нафасамро зи дами дина ба фардо бубарад.
Зишт дар сурати ангишт сафоямро бурд,
Нест оне, ки маро дидани зебо бубарад.
2005



## ТАШНА

Гулҳои хушки боғ,
Ҷонташна,
доғи доғ,
Монанди ман
ба чашмаи дидор ташнаанд,
Бар офтоби чашми харидор ташнаанд.
2007

## ҲАРФИ НИГОҲ

Гуфтам, ки
-ғамзойӣ!
Бигуфт:
-худ зиндагӣ ғамзо бувад.
Гуфтам, ки
-танҳоям!
Бигуфт:
-ошиқ магар танҳо бувад?!
Гуфтам, ки
-яктойӣ!
Бигуфт:
-оре, худо якто бувад!...
2006

## САРМОИ ФИРЕБ

Дай омаду гармии нафасҳоро зад,
Бод омаду нармии ҳавасҳоро зад,
Имсол ҳам аз барфи дурӯғи Файёз,
Дар сояи ҳамсоя маро сармо зад.
2006



## ЯГОНА

Кӯчаи холӣ пур аз туст,
Кӯчаи пур аз ту холист.
Бо ту дар олам ҳама ҳаст,
Бе ту дар олам касе нест.
2006

## ЗИ ЯК ДИДАН

Нигоҳам як чаман гул чид
az боғи нигоҳи ту,
Зи як дидан.
Сурудам як Ватан дил чид
аз оҳанги оҳи ту,
Ба як чидан.

## МАНУ БАҲОР

Ману хумор аз диёри ҳиҷронем,
Фасонахурсандем.
Ману шарор зиндадори Зардуштем,
Аз оташи Зандем.
Ману баҳор аз табори тифлонем,

Гириста механдем.
2004



## ДЕРИ ЗУД

Шоҳи муроди мулки дил,
Бетоҷ рафт,
бетахт рафт...
Дер омаду барвақт рафт,
Чун барқ рафт,
чун бахт рафт.

## НАБУДУ НЕСТ

Ба истиқболи фарде,
ки набуду нест,
Ба истиқболи марде,
ки на рафтасту на меояд,
Ҳазоро мухтасар кардам:
Тамоми мардҳоро
Аз дили тангам бадар кардам.
2006

## ҶАҲОЛАТ

Он дам ки маро чу садҳазорон,
Мекушт шаби сиёҳи фаркуш,
Бар марги ситора рақс мекард,
Ҷамъияти аз дарун сияҳпӯш.

### ДУРУД!

Дуруд ба дуруди нигоҳат,
Дуруд ба суруди нигоҳат.
Зи уди нигоҳи ман,
Зи дуди нигоҳи ман.

### ЧАШМАИ ШЕЪР

Дилро зи раҳи дида ба тоб овардем,
Аз ҳасрати дерина китоб овардем.
Дар кӯзаи шеъри Шаҳриёри ташна,
Аз чашмаи Хушкиноб* об овардем.
2006

### ЗАБОНИ МИЛЛАТ

**( Дар ҳошияи шеъри « *Наврӯзи оворагон*»-и устод Халилуллоҳи Халилӣ )**

Кӯриву зулматпарварӣ,
Миннатгузори иллат аст.
Рав, безабононро бигӯ,
Шоир забони миллат аст!
2006



### ҚОСИД

Фасли тараби рақси шароб омадааст,
Бар номаи ишқи ман ҷавоб омадааст.
Бо дастаи гул зи гулхани наврӯзӣ,
Зардушт ба базми офтоб омадааст!
2005

### ЧАМАНИ ҲАЗОРДАСТОН

Ҳама шоиранду шеърат
ба яке забон нагуфта,
Ҳама олиманду ҳарфат
зи ҳама ҷаҳон нуҳуфта,
Ҳама ошиқанду ишқат зи ҳама касон нуҳуфта,
Чамани ҳазордастон,
Ватани шиормастон!
2005

### ХОМӮШ

Зиндагӣ ҳамчу хоҳари ҳамхун,
Бо мани хастаҷон ҳамоғӯш аст.
Ин манам, ки баланд метаркам,
Зиндагӣ мурда- мурда хомӯш аст.

## ЗАНУ ЗИНДАГӢ

Зану зиндагӣ
аз табори ҳаманд,
Зи як решаву баргубори ҳаманд.
Ба рағми аҷал,
парчамафшони ишқ,
Зану зиндагӣ
зиндадори ҳаманд.
2004

## БОМДОД

Обистан аст шаб,
Обистани ҳақиқате
бо номи бомдод.
Обистан аст хотирам,
Аз боғи бесамар-
аз умри барҳадар,
Обистани ривояте
аз ишқу ашку ёд...

## БИГЗОР!

Ҳасудони ҳақири ҳарзабемор,
Сафедамро сияҳ гӯянд,
бигзор,
Ман он нурам,
ки пинҳон аз нигоҳам,
Сафедам ман,
сафедам, ки сиёҳам!



## НАКҲАТИ ЁД

Гули кастона дорад накҳати ёдат,
Гули бобуна дорад чеҳраи шодат,
Зи ёди талхи ман боре ҳамегиряд,
Дили яктопарасту яккафарёдат?!
2006

## ОЙИНАДОР

Ҳаҷри ту шабзиндадорам кардааст,
Васли ту умедворам кардааст.
То бубинӣ хешро дар чашми ман,
Ишқи ту ойинадорам кардааст.

## ПАЗМОН

Исёну тараҳҳуми туро пазмонам,
Пинҳону таҷассуми туро пазмонам.
Ҳар барги табассуми туро пазмонам,
Садбарги табассуми туро пазмонам.
2006

-----------------------------
***** Рустои устод Шаҳриёр*

## ХУМОР ЗИНДА МЕШАВАД...

Шугуфтанист боғи дил
ба мазраъи набарди ман,
Зи нола лола медамад
ба рағми ранги зарди ман.
Чу гиря ханда мешавад,
хумор зинда мешавад,
Мазор зинда мешавад,
зи сӯзи оҳи сарди ман...

## ДУОИ САФЕД

Хоки гулғунча ҳамебезад бод
Боғи бемева,
худо ёрат бод!
Меравад булбулу мемонад зоғ,
Гулбуни бева,
худо ёрат бод!

## ДУОИ СИЁҲ

Дарду алам ба маснади сурат
нишаста бод.
Гарди аҷал ба дидаи кӯрат
нишаста бод,
Эй он ки паст дидаӣ
тахти ғурури ман,
Санги сиёҳ ба сари гӯрат
нишаста бод!



## ДУОИ САБЗ

Шӯъласон дар хандаи гулхан бизӣ,
Ғунчасон дар ҷавҳари гулшан бизӣ,
«Ман барои ту ба дунё омадам! »,
Ту барои ман,
барои ман бизӣ!

## ДУОИ ЗАРД

Содаӣ монанди шеъри навқалам,
Бодаи аз хуни ангури алам,
Соғари ишқи туро хоҳам шикаст,
Чун нишона дар сари гӯри дилам.

## ПАЁМ

Паёми аввалини ман,
Суруди гиря буд
Зи тифли гоҳвора
бар тобут.
Дуруди охирини ман,
Зи хокдон
ба осмон,
Салои ҷовидони ишқ хоҳад буд.
2004

## БАРГИ ХАЗОН

Барги хазони иззати ман гиря мекунад,
Дар панҷаи хазон.
Аз марги фазл навҳаи андӯҳ мекашам,
Дар базми ҷоҳилон.
2004

## ОМАДУРАФТ

Турнаҳо омаданду ту рафтӣ,
Эй ки фасли баҳори ман будӣ,
Эй ки барқу шарори ман будӣ,
Эй, ки васлу хумори ман будӣ.
2004

## ҲАВАСИ ГУНОҲ

Андар лаби ханда оҳ дорам,
Аз зулмати шаб сабоҳ дорам.
Аз дури зи нури ишқи ман кӯр,
Дар дил ҳаваси гуноҳ дорам.
2004



## БА ҶОЕ НАРАСИДАМ...

Биҳишти хоби маро офтоб медуздад,
Сиришти сабри маро изтироб медуздад.
Ба ҳич ҷо нарасидам ман аз шитоби вақт,
Ҳутути ҳандасаамро сароб медуздад.
2004.

## ФИҒОНИ ЛОЛӢ

Садои пойи ҳавас
дар фасона мешиканад,
Ҳавои хандаи гул
зери дона мешиканад.
Чу аз хамӯшии фарёди хеш кар шудаам,
Фиғони лолии ман
оҷизона мешиканад.
2005

## ДАРАХТИ ХУШК

Сарфарози сарнишебам,
Ғайрсози худшикаста.
Меравад аз равзани дил,
Дуди оҳи ҷони хаста.

Гиряҳоям носуруда,
Хандаҳоям ногириста...
Нахли умри ман шабеҳ аст,
Бар дарахти хушки писта.
2007

## СУБҲИ «ХОҶА ОБИ ГАРМ»

Майсаҳо гӯш ба афсонаи борон доданд,
Ғунчаҳо бар намишаб бӯсайи арзон доданд.
Офтоб омаду бар дӯши саҳар хобаш бурд,
Булбулон навбати худро ба калоғон доданд.
**2007**

## РЕГУ ДЕГ

Дар лаби рӯди Зарафшон,
Зарпарасте рег мешуст,
Андалеб аз ишқ мемурд,
Гулнигоре дег мешӯст.

## ЗИШТ-ХУБ

Ту ишқи манӣ,
Ишқи аз нафаси вопасини ғуруб
расида.
Ту зишти манӣ,
Зишти аз ҳама хубҳо
хуб расида...



## ОҲ – ҲАНГ

Бар сари ҷонам задӣ,
Пойи дилам ланг шуд.
Оҳи нигоҳи ғамам,
Дуд шуд,
оҳанг шуд...
2004

## ДАФТАРИ ХОТИРА

Дафтари хотирааморо гуфтам:
-Эй сурхи кабуд,
Аз чӣ андар саҳфаат
баҳри фалонӣ ҷо нашуд?
Дар ҷавобам бод ҳар авроқро пар-пар кушуд,
Яъне: ишқи ӯ сазовори чунин дафтар набуд!

## ХАБАРКАШ

Зи равзани нигоҳи ман
Парида рафт оҳи ман,
Ки ишқро хабар кунад,
Зи оташи гуноҳи ман!
2004

## ХУДОЗОР

Зуд рафтам ба қатлгоҳи худ,
Дидани саҳнаи худозурдан.
Дер карданд ғунчаҳои боғ,
То шитоби шукуфтану мурдан…

## БОРИ ГАРОН

Ман бори танҳоии худ
Танҳои танҳо мекашам.
Ман заҳри худхории худ
Танҳои танҳо мечашам.

## ШЕЪРИ КАФИ ХОЛӢ

Дар кафи холии барг,
Шоири ҳузни хазон бинвишта;
- Зиндагӣ чизе нест!
Чизаке ҳаст агар,
Беш аз бозӣ нест,
Бозие, к-охири кор,
З- он касе розӣ нест!



## ПАРДАИ БОД

Булбулон фалсафаи марги чаман мегирянд,
Дар фиғони нафаси вақту пари пардаи бод!
Барги гул шаҳпараки мурдаи арғуштрав аст,
Дар дами мурдаву озурдаву афсурдаи бод.

## ҚУФЛИ ҶАВОБ

Кистам ман?
Зи куҷоям?
Ба куҷоям?
Зи куҷо? -
Бар лаби пири азал қуфли ҷавоб афтода.
Варақи барги парешони хазонрез бигуфт:
«Аввалу охири ин куҳнакитоб афтода!..»

## САФО

Аз ту ирфони сафо металабам,
Киштаи сабзи бақо металабам.
Чу вафозода вафо металабам,
Чу Сафизода сафо металабам.
2007

## ИНКОРИ ИНКОР

Ҷаҳони беумеду бетаманноро намехоҳам,
Тавони нотавонии тавоноро намехоҳам.
Мани дилдори танҳоӣ
зи танҳоӣ ҳаметарсам,
Сари ҳамчун сари Ҳаллоҷ танҳоро намехоҳам!

## ОРЗУ

Оре, ман мирандаам,
мирандаам,
мирандаам!
Ин ҳақиқат дар ман асту бо ман аз рӯзи нахуст.
Дар ман асту нест аз ман зиндагиву марги ман ,
Аз ман асту нест аз ман панду фанду захри дӯст.
Дар таги ин чархи каҷрафтор аз халлоқи ёр,
Фасли бемаргии ишқи Боязидам орзуст!
2000



## ХАНДОХАНД

Бар тоқаи дарнабард,
мо хандидем,
Бар гулшани гуназард,
мо хандидем,
Бар ҳоли замини хушк,
бо дидаи хушк,
Абр омаду гиря кард,
мо хандидем..,
То ханда ба рӯзгори мо
ханда кунад,
То ҳарду ҷаҳон
ба ҳоли мо гиря кунад.
2005

## РАНГИ САРМО

Дар хонае, ки хони шито
пур зи яхча аст,
Дар оҳи сарди ҳанҷара
оҳанги ид нест.
Бо сӯзи набзҳо биё,
бо сабзҳо биё,
Барфи сафед
қосиди бахти сафед нест!

2008

**ЯК**
**ХОТИРА**
**БОҒ**

**(Рубоӣ, дубайтӣ, байт )**



**РУБОИЁТ**

Дил дар қадамат дубора афтоду шикаст,
Аз хуни дилам шарора афтоду шикаст.
Он шаб, ки зи ҳаҷри ту фиғон мекардам,
Аз чашми фалак ситора афтоду шикаст.

* * *

Сӯзе, ки зи оҳи сарди ман сар мезад,
Дар кулчаи шаб ситорамуғпар мезад.
Дар гирди чароғи сурхи танҳоии ман,
Парвонаи рӯҳи модарам пар мезад.

* * *

Рақсидаву варзида чу Варзоб биё,
Рахшандаву бахшанда чу афтоб биё.
Субҳ омаду  дидае надидаш серӣ,
Зангӯлаи хуни мардуми хоб биё!

* * *

Ман дар нафаси шитоби худ хоҳам зист,
Дар ҳар вараҳи китоби худ хоҳам зист,
То ҳастаму ҳаст зулму зулмат ба ҷаҳон,
Дар хандаи офтоби худ хоҳам зист.

* * *

Бар обу гилам гириста механдам,
Бар зистаи назиста механдам.
Бо қаҳ-қаҳаи фиғони нохандида,
Бар ҳоли худам гириста механдам.

* * *

Дар ҳар зарра оғози туро мебӯсам,
Парвонаи парвози туро мебӯсам.
Чун мурдаи зинда кардаат, Исии ман,
Чашмони пурэъҷози туро мебӯсам.

* * *

Озодаму аз банди ситам нораста,
Дилшодаму бо аҳли алам пайваста,
Донӣ зи чӣ маъдане бувад зевари ман?
Аз санги Ватан, ки бар сарам бишкаста!

* * *

Дар тобу таби итоби худ хоҳам зист,
Дар шаҳраги инқилоби худ хоҳам зист!
То дар қафаси гунаҳ ҷаҳон бенафас аст,
Ман дар нафаси савоби худ хоҳам зист!

* * *

Ку ёр, ки хори чашми ағёр шавад,
Ку хор, ки хандаи гули нор шавад?
Ку дидаи неку соҳиби дидаи нек,
К- аз чашми бадон маро нигаҳдор шавад?



* * *

Бо нози назар бо ту сухан мегӯям,
Бо сӯзу шарар бо ту сухан мегӯям,
Бо хуни дилам хуни туро мешунавам,
Аз номи башар бо ту сухан мегӯям.

* * *

Гул дар Ватану Ватан ба Гул зебанда,
Гул дар чаману чаман ба Гул зебанда.
Ҳар гул ба чаман ҳусну ҷамоле дорад,
Гул бо сухану сухан ба Гул зебанда.

* * *

Доғе ба мисоли доғи дил сӯзон нест,
Ашке ба мисоли ашки ғам арзон нест.
Бар мурдаи садсола ҳама гиря кунанд,
Дар мурдани ишқи ман касе гирён нест.

* * *

Олам ҳама дар хаёли ман мегунҷад,
Одам ҳама дар заволи ман мегунҷад.
«Аз омадану рафтани мо суде ку?»*
Гардун ҳама дар суоли ман мегунҷад!

* * *

Бодоми сафедҷома гуландоз аст,
Бо шаҳпараки дидаи ман гулбоз аст.
Сардии дилу дидаи ту бегап нест,
Дар пушти дарат пуштаи барфандоз аст.

---------------

* Аз Хайём

* * *

Бе ахгари дида ахтаронро чӣ кунам?
Бе номаи ишқ қосидонро чӣ кунам?
Сардии ҳаво ба фасли худ мегузарад,
Сардии нигоҳи ҳосидонро чӣ кунам?

* * *

Афсӯс, ки дар роҳи сафар бо ту наям,
Дар ҷодаи умри даргузар бо ту наям,
Аз будани ту чӣ суд гар танҳоӣ?
Аз будани ман чӣ суд гар бо ту наям?!

* * *

Аз олами интизор меояд ишқ,
Аз дилкадаи шарор меояд ишқ,
Бо гиряи зор-зор меояд ишқ,
Бо хандаи навбаҳор меояд ишқ.

* * *

Ойина ба зиннати чаман гап дорад,
Ширин ба висоли Кӯҳкан гап дорад.
Сар то қадамам зи диданат меларзад,
Сар то қадамат ба чашми ман гап дорад.

* * *

Дар ҷангдилӣ размi ту Доро накунад,
Дар сангдилӣ азми ту хоро накунад.
Девонаи шаҳри мо аз он фалсафиаст,
К-ӯ низ ба ҷаҳли ту мадоро накунад.



* * *

Наврӯз буду ҳавои наврӯз набуд,
Дил буду саодати дилафрӯз набуд.
Як соли умед бе ту навмед гузашт,
Як сол зи умри қимматам буду набуд.

* * *

Дар гулшани ёди ман садойи ту шукуфт,
Дар гулхани гиря хандаҳойи ту шукуфт.
Дил хаставу афусурда барои ту тапид,
Ҷон дар тани мурда аз баройи ту шукуфт.

* * *

З-он нур, к-аз ӯст, рӯй мебояд шуст,
Бо барфи нахуст* рӯй мебояд шуст.
Ғам душмани ҳусни туст, бар қасди аду,
Бо партави дӯст рӯй мебояд шуст.

* * *

Эй кӯҳ, зиёда бод ганҷу зари ту,
Бодо фари офтоб тоҷи сари ту!
Аз ман ҳамаро рабуд он пастназар,
Ҷуз тахти баланди туву ҷуз минбари ту!

2000-2008

-------------------------------------

** Гӯиё бо барфи аввал рӯй шӯстан касро зебо мекунад.*

## ДУБАЙТӢ

Дилафшонам, вале ҳамдил надорам,
Зарафшонам, вале соҳил надорам.
Ба монанди дарахти арғавонам,
Гулафшонам,вале ҳосил надорам.

* * *
Дилам додиву дилдорам надодӣ,
Ғамам додиву ғамхорам надодӣ.
Сазоворам,худои ман,  сазовор,
Чаро ишқи сазоворам надодӣ?!

* * *
Ман он авҷам, ки болоям ҳамеша,
Ман он лолам, ки овоям ҳамеша.
Ман он  шамъам, ки механдам гириста,
Ман он ҷуфтам, ки танҳоям ҳамеша.

* * *
Аз он зебову зебобинам имрӯз,
Аз он гулпарвару гулчинам имрӯз,
Ки шояд баъди умре интизорӣ,
Туро охир, туро мебинам имрӯз!

* * *
Шабе аз сӯзи дил бедори ман шав,
Аламдори дили бемори ман шав.
Чу ишқатро ба ҷони ҷон харидам,
Харидори гули рухсори ман шав!



* * *
Чӣ сон омад, чаро омад, чӣ овард,
Қаторе, ки туро бо худ наовард?
Чӣ коре дошт дар ин даҳри бекор,
Баҳоре, ки туро бо худ наовард?

* * *
Набошӣ ту, на май ҳасту на мастӣ,
На нози гул, на рози гулпарастӣ.
Ба бахти ман ту ҳастиву ҳама ҳаст,
Набошӣ ту, на ман ҳастам, на ҳастӣ.

* * *
Хазонрезо, баҳори ман куҷо шуд,
Шарору баргу бори ман куҷо шуд?
Бигӯ, эй тирарӯйи  зангхӯрда,
Дили ойинавори ман куҷо шуд?!

* * *
Ба ҷойи ту баҳорон омаду рафт,
Чу ашки сабзи борон омаду рафт,
Барои як нафас, як лаҳза, як дам,
Баройи ту гулафшон омаду рафт.

* * *
Баҳор асту дами аз ғам раҳидан,
Зи чашми деви танҳойӣ рамидан.
Зи нози ғунчае аз худ гузаштан,
Зи рози қатрае то худ расидан.

* * *

Қаламдору қалам наврӯзӣ дорад,
Аламдору алам наврӯзӣ дорад,
Чароғи лола худафрӯзӣ дорад,
Мазори кӯҳна ҳам наврӯзӣ дорад.

* * *

Умеди мурдаеро ёд овар,
Дили афсурдаеро ёд овар,
Дами бо нози гул бозидан, эй ёр,
Гули пажмурдаеро ёд овар!

* * *

Нигоҳи масти занафкан надорӣ,
Шукӯҳу шасти шерафган надорӣ…
Чӣ дорӣ ту, аё доройи нодор,
Ҷаҳонеро агар бо ман надорӣ?!

* * *

Ту ҷому соқӣ дорӣ, ман надорам,
Фари офоқӣ дорӣ, ман надорам.
Барои ишқи дигар, бахти дигар,
Ту умри боқӣ дорӣ, ман надорам!

* * *

Яке дар зери дори хеш гиряд,
Яке бар души ори хеш гиряд,
Ба ашки заъфаронии дарахтон,
Хазон бар ҳоли зори хеш гиряд.



* * *

Агар сози фари булбул намебуд,
Агар рози тари сунбул намебуд,
Зимистон буд фасли марги умед,
Агар дар пеш фасли гул намебуд.

* * *

Ба сар ёди маро, оваҳ, надорӣ,
Дили аз дарду ғам огаҳ надорӣ,
Магар пойи дилатро хоб бурдаст,
Ки сӯйи манзили ман раҳ надорӣ?

* * *

Барои чашми дилбинат ташаккур,
Барои завқи гулчинат ташаккур,
Дар ин дунёи талхосор,эй ёр,
Барои ёди ширинат ташаккур!

* * *

Ману шаб роздори ҳам бигирйем,
Зи ҳам безору зори ҳам бигирйем.
Канори мо зибас холист, холӣ,
Ду танҳо дар канори ҳам бигирйем.

* * *

Ба ишқи безаволи ту чӣ созам,
Ба ҳаҷри бевисоли ту чӣ созам?
Хаёлат бо мани танҳост, танҳо,
Чӣ созам бо хаёли ту, чӣ созам!

* * *

Маҳу хуршедро ҳамраҳ надидӣ?
Шукӯҳи кӯҳро дар каҳ надидӣ?
Ту ки пир омадӣ то ман пиёда,
Ҷавонии маро дар раҳ надидӣ?

* * *

Асире бар ҳисори худ наояд,
Ҳазине ғамгусори худ наояд,
Ба ин дунёи бояд рафт, зинҳор,
Касе бо ихтиёри худ наояд.

* * *

Ту-беморам, ба дардам марҳаме нест,
Даме гар ҳаст, бе ту ҳамдаме нест.
Барои ман башар бо ту фузун аст,
Набошӣ ту дар олам одаме нест.

* * *

Ману сайёра бедорем имшаб,
Зи розе пардабардорем имшаб,
Ба роҳи он ки рафту бар наомад,
Сиришки ҳарза мекорем имшаб.

* * *

Сари души ту болиши дигар буд,
Дар оғӯши ту фарнӯши дигар буд.
Ба тоқи манзили танҳоии ман,
Чароғи мурда аз ман зиндатар буд.



* * *

Ало, ҳузни аламфарсойи ишқам,
Ало, сӯзи шарарафзойи ишқам.
Хаёлат бӯйи барфи кӯҳна дорад,
Ало, дирӯзи бефардойи ишқам.

* * *

Нигоҳи сарди ту гулхан надорад,
Дили маҷрӯҳи ман шеван надорад,
Туву хуршеду шоми тираву ман,
Чароғи бахти ман равған надорад.

* * *

Каманди зулфи пурчинам куҷо шуд,
Писанди шоҳу фарзинам куҷо шуд?
Пиёда меравам аз ҳич то ҳеч,
Саманди бахти гулчинам куҷо шуд?

* * *

Бирав аз худ, биё бар олами ишқ,
Бишӯ дилро ба оби Зам-зами ишқ,
Ҳақиқатро, ки навъе аз дурӯғ аст,
Биё, бишнос аз чашми нами ишқ.

* * *

Ба танҳоёни дунё ҳамнасибам,
Ба маргу зиндагӣ яксон қарибам,
Дар ин олам туи бе ман чӣ сонӣ?
Дар ин олам мани бе ту, ғарибам.

* * *

Зи боғе ёсу ҳулбуе начидам,
Зи нозе сеҳру ҷодуе надидам,
Ҷаҳон пур буд аз ишқу фасона,
Набудӣ ту, баҳоронро надидам.

* * *

Гаҳе аз сози хушсӯзи тарона,
Гули ишқи маро мечинӣ ё на?
Дами печидани оҳи ману шаб,
Маро дар хоб мебинӣ  ва ё на?

* * *

Ту кардӣ ишқро  рӯъётар аз ишқ,
Ту кардӣ созро гӯётар аз ишқ
Ту кардӣ ашкро дарётар аз ашк,
Ту кардӣ ишқро волотар аз ишқ,

* * *

Дар ин шаҳре, ки чашме сир надорад,
Ки тоҷир дораду шоир надорад,
Чароғи дидаатро, гӯ, бихандад,
Вагарна гиряаам охир надорад.

* * *

Миёни мо ду қарну сад сафил аст,
Ғами ҳиҷрони мо бори ду фил аст,
Чӣ ҷойи шиква аз кини заминӣ,
Ки гардун ошиқозору бахил аст.



* * *

Ба ҳар фасле биёяд ишқ зебост,
Ба ҳар лафзе сарояд ишқ зебост
Ба сони нур  ё дар сурати ҳур,
Ба ҳар ранге намояд ишқ зебост.

* * *

Баҳор омад гули ойина хандид,
Диле дар тангнои сина хандид.
Зи пушти чодари дида надидан,
Арӯси ошиқи дерина хандид.

* * *

Саноят дар салойи ман шукуфта,
Ҳавоят дар фазойи ман шукуфта,
Бунафша дар канори ҷӯйборон,
Баройи ту,ба ҷойи ман шукуфта.

* * *

Зи сардии диле таб дорам имшаб,
Фиғони ишқ бар лаб дорам имшаб,
Зи бераҳмиву бефаҳмии тақдир,
Ба гардун як замин гап дорам имшаб.

* * *

Ба қалби реш пеш аз ту расидам,
Ба нӯшу неш беш аз ту расидам.
Канори мардуми  беишқ, эй ёр,
Хато кардам, ки пеш аз ту расидам.

* * *

Намехоҳам, ки фағфурат бубинам,
Силаҳдору силаҳшӯрат бубинам,
Ҳазорон роҳро кутоҳ кардам,
Ба умеде, ки аз дурат бубинам.

* * *

Чароғи мардуми шабзиндадорам,
Ҷилое аз шӯъои шӯълазорам,
Миёни ин ҳама ториву зулмат,
Зи нури андакам миннатгузорам.

* * * * *

Дигар май дар сабӯйи ман нахандад,
Гуле ҳамрангу бӯйи ман нахандад.
Дигар з-ойина як хушрӯйи дунё,
Зи рӯйи ман ба рӯйи ман нахандад.

* * *

Дигар паймона ҳампаймони ман нест,
Дигар наврӯз гулафшони ман нест,
Ҳар он чизе, ки мебинам, ҳамонам,
Дигар ойина гулгардони ман нест.

* * *

Ба боғи хандарезу ғамгурезам,
Нишони рангрези тирамоҳ аст.
Худойи ишқро аз ман бигӯед:
« Дили бе ишқи ман ғарқи гуноҳ аст!..»



* * *

Баҳор омад, ки мо боҳам биёем,
Баҳам чун ғунчаву шабнам биёем.
Дили бешодии ғамро шикаста,
Ба базми нози гул хуррам биёем.

* * *

Диле аз ҳаҷр гирён омаду рафт,
Гуле дар чанги тӯфон омаду рафт,
Баҳори дигарон ояд баҳорон,
Баҳори ман зимистон омаду рафт.

* * *

Баҳори ишқ сарду тира бигзашт,
Арӯси орзу бокира бигзашт.
Тилисми ишқ монанди гули хушк,
Миёни дафтари хотира бигзашт.

* * *

Ба тири чашми худ оҳу бигирам,
Ба сели хашми худ Ому бигирам.
Мани хушрӯ, ба рағми қисмати дузд,
Туро аз он зани бадрӯ бигирам.

* * *

Баҳорон дар қиёми набзи борон,
Расида пар-парафшон, сар-сарафшон.
Агар дасти дилам ҳампойи ман нест,
Равам аз кӯҳ гул чинам ба мижгон.

* * *

Дами дам аз дами дам ҳосили мост,
Дами олӯда дар ғам ҳосили мост.
Туро гуфтам:-Биё!
Гуфтӣ:-Чӣ рӯзе?
- Ҳама рӯзи худо рӯзи дили мост!

* * *

Шукӯҳи фасли гул чун рӯд бигзашт,
Шукуфа дар лаби падруд бигзашт.
Зи сӯзи дидаи шаҳинтизорам,
Нигоҳи шӯъла дудолӯд бигзашт.

* * *

Ҳама афсонаҳо эҷоди ишқанд,
Ҳама сарводаҳо фарёди ишқанд.
Ҳама дилдодаҳо бо ҳам шабиҳанд,
Зибас аз зоти оташзоди ишқанд.

* * *

Дубора офтоби рафта баргашт,
Дубора сӯзу тоби рафта бар гашт.
Ба набзи зард хуни сабз бишкуфт,
Ба ҷӯйи хушк оби рафта бар гашт.

* * *

Нигоҳе бо нигоҳе ҳамсадо нест,
Дилеро бо диле зикри худо нест,
Зимистон фасли пириву хамӯшист,
Зимистон фасли худсӯзии мо нест.



* * *

Дило,бори дигар султонӣ мекун,
Ба рағми оқилон нодонӣ мекун.
Аз ин пас ҳар қадар ҷоне, ки дорӣ,
Ба пойи ишқи ман қурбонӣ мекун!

* * *

Қаламро бо алам танҳо намонед,
Ситамро бо карам танҳо намонед.
Ду душманро ба зери чархи гардун-
Ману шабро- ба ҳам танҳо намонед.

* * *

Гули бахман, гули умедворон,
Паёми роз дар нози баҳорон.
Дареғи хандаҳои нозанинат,
Ба рӯйи ҷисми беҷони зимистон.

* * *

Зи чашми ҳасрати гирёни дунё,
Бирезад бар сарам борони дунё.
Харидоре надорам ҷуз дили худ,
Ба бозори ғами арзони дунё.

* * *

Ало, эй захри ҳиҷрон ночашида,
Ало, эй хандаи гирён надида,
Дилам аз ҳашт ҷояш мезанад сих,
Ба ангӯштат магар хоре халида?!

* * *

Чу гирён омадӣ гирянда рафтӣ,
Чу пар-пар омадӣ парканда рафтӣ,
Баҳоро, омаданҳоят чӣ зебост,
Зимистоно, чӣ нозебанда рафтӣ!

* * *

Чаман боли ҳуморо менамояд,
Ватан имони моро менамояд.
Табиат бо ҷамоли ошиқона,
Бузургии худоро менамояд.

* * *

Ҷамоли фасли гул ойинафар шуд,
Ғами ханҷаркашида бесипар шуд.
Дили аз по фитода пову пар ёфт,
Саре аз кунҷи танҳоӣ бадар шуд.

* * *

Дуруд, эй фасли сӯри орифона,
Дуруд, эй васли шӯри ошиқона,
Самоъи ишқро мастона рақсем,
Ки наврӯзи дигар ҳастем ё на.

* * *

Паёми нозилатро ёд дорам,
Қиёми коҳилатро ёд дорам.
Ба рӯйи дасти ларзони нигоҳат,
Заданҳои дилатро ёд дорам!



* * *

Худойи ишқ,таҷдиди назар кун,
Дили сарди варо оташназар кун,
Маро аз марги ҳиҷронаш амон деҳ,
Варо дар ишқи ман хуни ҷигар кун!

* * *

Саманди бод бо гулшан чиҳо кард,
Гулу гулғунчаҳоро хоки по кард.
Чаро оне, ки раҳмону раҳим аст,
Туро аз ман, маро аз ту ҷудо кард?

* * *

Шабу шамъу шарори ахгари ишқ,
Табу сӯзугудози озари ишқ,
Фиғони гиряҳои носуруда,
Ҳаметаркад ба гӯши бистари ишқ.

* * *

Дилафшон дар гулафшон диданӣ нест,
Гули умеди ман кориданӣ нест.
Чаро охир, чаро дар дашти ҳасрат,
Само ашки фараҳ бориданӣ нест?

* * *

Гули нози маро месанҷад ин боғ,
Зи гул-хории ман меранҷад ин боғ.
Сафеду сабзу зарду арғавонӣ,
Аламҳои маро механдад ин боғ.

* * *

Уболи ман, савоби ман, куҷойӣ?
Суоли беҷавоби ман, куҷойӣ?
Зи бехобӣ, зи бехобӣ бимирам,
Ало,доруйи хоби ман, куҷойӣ?!

* * *

Саҳар шоми туро аз ман бипурсад,
Саранҷоми туро аз ман бипурсад.
Баҳори пуштаи гулпӯши Варзоб,
Фақат номи туро аз ман бипурсад.

* * *

Зи ишқи беҷавобат дар азобам,
Зи ҳаҷри бевисолат дар азобам.
Мани танҳо миёни бистари шаб,
Дар оғӯши хаёлат дар азобам.

* * *

Дили озурдаву  афсурда дорӣ,
Нигоҳи чун чароғи мурда дорӣ,
Ба ҷойи дил, гули «Қалби шикаста»,*
Зи ишқе ҳадяи пажмурда дорӣ?!

* * *

Чӣ гуна дударо партав нависам,
Чӣ гуна рафтаро норав нависам?
Диле ку ҳамчу қоғаз поку тоза,
Ки байти ишқро аз нав нависам?



* * *

Ба қадре рӯсиёҳу дилсиёҳ аст,
Ки дуди кинааш бедудгоҳ аст.
Падар,гӯйӣ варо ангиштсанг аст,
Ту гӯйӣ модараш деги сиёҳ аст.

* * *

Бидидам динаро аз ишқ холӣ,
Вуҷуди кинаро аз ишқ холӣ.
Ба ҳар чашме назар кардам бидидам,
Дили ойинаро аз ишқ холӣ.

* * *

Биё аз барфи ҷон озар бичинем,
Шарар аз  сардии ахтар бичинем.
Ҳама аз боғ гул чинад, ману ту,
Гули дидори ҳамдигар бичинем.

* * *

Биё, ҷоно, зи фасли интизорӣ,
Чу пайки сабзу зебой баҳорӣ,
Ки аз дидори гулкорат бихандад,
Гулистони хазони дӯстдорӣ.

* * *

Мани огоҳ аз шасту рами гург,
Наметарсам зи дандону дами гург,
Ба ҷойи хешу кешу  мешу оҳу,
Ҳаметарсам зи нафси одами гург.

* * *
Ғами ман, ғамгусори ман куҷойӣ?
Рақибу дӯстдори ман куҷойӣ?
Гулафшону хазонрезат манам, ман,
Зимистону баҳори ман,куҷойӣ?

* * *
Дили ман фасли гулгардонӣ дорад,
Шукӯҳи ишқро султонӣ дорад.
Ба боғи ҷон шукуфта аз нигоҳе,
Гуле, ки накҳати яздонӣ дорад.
***Навъи гул.*

* * *
Туро аз рӯйи гул хоҳам бидидан,
Туро аз бӯйи гул хоҳам шамидан.
Ту хомӯшиву фарёди дилатро,
Зи оҳи хуни худ хоҳам шунидан.

* * *
Ғаме дорам, ки хоси ошиқон аст,
Қирони наҷми ишқи мо гарон аст.
Азизи ман, ҷудойии ману ту,
Ҷудойии замину осмон аст.

* * *
Шароре муждаи офоқи ман нест,
Нигоҳе миннати ушоқи ман нест,
Ду оламро нигоҳи интизорам,
Азизи тоқи ман муштоқи ман нест.



* * *
Зи тоби зулфи сунбул шармсорам,
Зи авҷи сози булбул шармсорам.
Дар ин се рӯза дунёи ғамистон,
Зи мавҷи хандаи гул шармсорам!

* * *
Яке ганҷина дорад обрӯ на,
Дигар ойина дорад рангурӯ на,
Дареғи ҳастии дорои нодор,
Ки дунё дорад, аммо орзу на.

* * *
Биё, бо чашми ман рақси шарар кун,
Биё, хуни маро сӯзандатар кун,
Ба рағми зулматуи шоми ҷудоӣ,
Диламро офтоби баҳрубар кун!

* * *
На ҳар хомӯш *лолу* безабон аст,
На ҳар пажмурда чун фоли хазон аст,
На ҳар кажпӯшт дорад санг дар мӯшт,
Асои *лӯлӣ* аз бими сагон аст.

* * *
Дареғи ишқи новарзидаи ман,
Дареғи ашки ноарзидаи ман,
Зи чашми интизори пуршарорат,
Дареғи ахгари ночидаи ман!

* * *

Биё, ки зиндагӣ аз сар бигирем,
Зи барфи чашми ҳам озар бигирем.
Ба рағми оташи худкуштаи мо,
Шарар аз гарди хокистар бигирем.

* * *

Чароғи лола дар кӯҳу даман ку?
Чаман ку, растахези ёсаман ку?
Ҳисоби ҷуфту тоқат гар ҳисобист,
Худоё,ҷуфти ман ку, ҷӯфти ман ку?!

* * *

Набудан дар намудан кард пирам,
Намудан дар набудан кард пирам,
Саногӯйи шуури бешуурон,
Шиори ғамсурудан кард пирам.

* * *

Зи ашки ман сафо мемонад охир,
Зи рашки ту ғазо мемонад охир.
Зи ишқи ман суруди носуруда,
Зи ишқи ту ҷазо мемонад охир.

* * *

Давиданҳои коҳил бехатар нест,
Парриданҳои ҷоҳил бехатар нест.
Қафасҳоро, қафасҳоро биёред,
Ки озодии қотил бехатар нест.



* * *

Ало, парвардаи беҳосили ман,
Зи нангу ору мардӣ, ғофили ман,
Ту ҳам шояд, ки дар таърих монӣ,
Вале чун қотили зан, қотили ман!

* * *

Чароғи мурдаро сӯзи назар бод,
Дили озурдаро шӯру шарар бод,
Дарахти хушкро дар боғи мурда,
Умеди сабзҷониву самар бод!

* * *

Чӣ наврӯзе, ки наврозе надорад?
Чӣ хусӯзе, ки худсозе надорад?
Чӣ ишқе, ки бимирад дар дили сард,
Чӣ созе, ки ҳамовозе надорад?!

* * *

Ало, эй хоб дар бедории ман,
Ало, афсонаи гулкории ман,
Ба ҳам охир кай ояд масту ҳушёр,
Ҷавонии туву сорлории ман?!

* * *

Чаро дидӣ маро шодӣ накардӣ,
Чаро аз ҳузни ман ёде накардӣ?
Чаро бо оҳи сарди ҳар нигоҳат
Маро гунгона фарёде накардӣ?

* * *

Дар он ҷое, ки ҳақ ёри дурӯғ аст,
Дар он ҷо дуда инкори фурӯғ аст.
Дар он ҷо кӯҳ коҳу пунба оҳан,
Дар он ҷо заҳр қанду шир дӯғ аст.

* * *

Зи худхорӣ бувад худбозии ман,
Зи ночорӣ бувад худсозии ман,
Зи танҳоӣ бувад гулбозии ман,
Зи раҳпоӣ бувад гулнозии ман.

* * *

Аз ин хуршедкӯрон ман чӣ дидам?
Аз ин ғамбодасурон ман чӣ дидам?
Зи чашми сарду рӯйи зарди ин зот,
Ба ҷуз марги баҳорон ман чӣ дидам?

* * *

Дар ин ҷо қиссаи озодагонро
Ба саҳми фаҳми худ таҳрир карданд.
Дар ин ҷо пири Тӯсиро чу Маҳмуд,
Ба рашку ҷаҳли худ таҳқир карданд.

* * *

Хуруши хандаат ғамофарин буд,
Дилат андар кафи пойи замин буд.
Ба монанди ғуруби ғарқа дар хун,
Нигоҳи вопасинат оташин буд.



* * *

Дар ин ҷо адлро мастур карданд,
Дар ин ҷо ҷаҳлро дастур карданд,
Ҳақиқатро дар ин ҷо гӯр карданд,
Дар ин ҷо Рӯдакиро кӯр карданд!..

**2000-2006**

**БАЙТ**

Нур омад чашми зулмат кӯр шуд,
Офтоб омад сиёҳӣ дур шуд.

* * *
Андар ин шаҳр барои ҳамагон танҳоям,
Балки дар даҳр ба ҷои ҳамагон танҳоям.

* * *
Дар олами фонӣ ҳамагон меҳмонем,
Дунёст хароба мо харобабонем.

* * *
Базми моро шамъи дидори шумо равшан кунад,
Анҷуманро ҳусни гуфтори шумо гулшан кунад.

* * *
Тоза кардам дудаи чашми ҳасудонро,
Дастҳои поки худро кардаам чиркин.

* * *
Мани зан пеши номардон нагирям,
Ҳаметарсам, ки номардам бихонанд.

* * *
Гуле бишкуфту шоир кард булбулро,
Гули нашкуфтаи дидори ту шеъри диламро кушт.

* * *
Дар ту ман ҷурму гуноҳи хештанро дӯст дорам,
Ибтидову интиҳои хештанро дӯст дорам.



* * *
Шаҳр захми алами ғамзадагон мешӯяд,
Бо сиришки фараҳи шаршараҳо.

* * *
Зи дасти додгоҳи тоҷикона,
Ба гардун рафт оҳи тоҷикона.

* * *
Мурғи қафасшикастаи беруни лонаам,
Беамну бефароғату беобу донаам.

* * *
Ман дигар намерақсам бо ҳавои тӯфонҳо,
Ман дигар намебахшам саҳву ҷаҳли нодонҳо.

* * *
Бо забони хомӯшӣ рози сад ҷаҳон гуфтам,
Посухи нигоҳатро дар ниҳон аён гуфтам.

* * *
Дилеву дидае хоҳам чароғон,
Ки берунам кашад з- ин торикистон.

* * *
Ману шаб он қадар бо ҳам қаринем,
Ки чун ду дида ҳамдигар набинем.

* * *
Чашми бедори фалак одати духдӣ дорад,
Ман аз ин чашму аз ин одати бад метарсам.

* * *
Бе бода низ метавон сармаст зистан,
Дар шаст низ метавон бошаст зистан,

* * *
То хоби шабон хоҳиши бедории мост,
Андар нафаси хумори худ бедорем.

* * *
Шаби бехобии ман оламе дар хоб бедор аст,
Тамошо мекунад ҷонкандани ҷонро ба бедорӣ.

* * *
Фасли гул бигзашт, бозори тароват сард шуд,
Шодии ишқи намудан дар дили ман дард шуд.

* * *
Аз хазони сурати рӯзардҳо,
Авҷ гирад, авҷ, кулли дардҳо!

* * *
Баски дар сурати ту акси сияҳфолии туст,
Рӯйи ту дафтари хонои бадаъмолии туст.

* * *
Гадоён шоҳ месозанд то умре гадо бошанд,
Ки зери кафши муште хок умре хоки по бошанд.

* * *
Ҳамаро бо назари ишқи ту хоҳам дидан,
Гуҳаре аз садафи ишқи ту хоҳам чидан.



* * *
Ҳама гурганд чӣ созам ба шикори ҳамагон,
Ҳама мурданд чӣ созам ба мазори ҳамагон?!

* * *
Дар базми ҷаҳл бодаи макрӯҳ мекашам,
Аз марги фазл навҳаи андӯҳ мекашам.

* * *
Зи дурии як қарн садои оҳи туро мешунавам,
Садои оҳи ҳазини нигоҳи туро мешунавам.

* * *
Ҳузни пар рехтани булбули ошиқ кофист,
Ки дигар ёди пару боли дили худ накунам.

* * *
Баҳор омадаву навгуле ҷилваи чаман дорад,
Худойи ишқи яке дар дилам Ватан дорад.

* * *
Туӣ якто намехоҳам дуто бошӣ,
Туро ҳамчун ягона дӯст медорам.

* * *
Зи ман то бар мазори хотира
сад гулфишон роҳ аст,
Каси бигриста дар остини ҳаҷр
аз ин ҷода огоҳ аст.

* * *

Чун чашми чашмасорон
чашмони ман пуробанд,
Чашмони холии ту
чун мӯҳрахоб хобанд.

* * *
Гӯрбаи адл бас надорад ҷинс,
Ин замон мӯш гурба мезояд.

* * *
Ман бо ҳаваси гуноҳи ту хоҳам мурд,
То дар нафаси савоби худ зинда шавам.

* * *
Чӣ мекардам мани бечора бо худ,
Агар ёди ту ҳамроҳам намебуд?!

* * *
Аз шаҳраги ҷон хезад
сӯзи найи Мавлоно,
Табрезии таб дорад
барфи дайи Мавлоно.

* * *
Ҳастӣ, ки ҳастам ҷамъу парешон,
Чун гиря хандон, чун ханда гирён.

* * *
Дари худро
ба рӯи сад ҷаҳон пӯшидаам, аммо,
Ҷаҳони ғайбату тӯҳмат
кунад пушти дарам ғавғо.



* * *
Чу бо ин одамакҳо метавон зист,
Намак бар бенамакҳо метавон зист?!

* * *
Аз нигоҳе дил сухан оғоз кард,
Бо нигоҳе ишқи ман овоз кард!

* * *
Ҳузни ман сури шодии дӯш аст,
Хандаам гиряҳо кунад эҷод.

* * *
Поизи интизориям бӯи баҳор мекунад,
Шодии гулфишониям ҳузни хумор мекунад.

* * *
Диламро мебарам пеши табибон,
Ки бидҳанд аз мани қотил наҷоташ.

* * *
Ман аз девонаву аз кӯдаку аз маст метарсам,
Барои кажравиву ростгӯйшон…

* * *
Бо ду чашми боз дидам зиндагӣ сарпеч рафт,
Умри ҳиҷам дар суроғу дар талоши ҳеч рафт.

* * *
Бӯйи бунафша мекунад
гулшани отири дилам,

Сабзаи  ишқ медамад
                              аз гили хотири дилам.

* * *
Аз пайи зиндагӣ давидам ман,
То дари бандагӣ расидам ман.

* * *
Ҳар даме ки дар интизор гузарад,
Маргро гулшумор гузарад.

* * *
Софии ин осмонро чашми   мо, дардо,  надид,
Офтоби мо магар дар зулматистон  хуфтааст?!

* * *
Осмони арғавонӣ
                              абри сабзи ман куҷо шуд,
Ишқ, ишқи ҷовидонӣ,
                              барқи набзи ман  куҷо шуд?!

* * *
Садои омаданҳои ту дар хобам,
Пур аз ҳузну пур аз  афсӯси бедорист.

* * *
Чӣ боронӣ,ки дар боғи  дили хушкаш наборидӣ.
Гули сӯзи маро дар  хуни  эҳсосаш накоридӣ?!

* * *
Исфаҳон бо доси моҳи нав ба истиқболам омад,
Кишти ҳиҷронам дарав мехост.



* * *
Ба танҳоӣ маро бар ёд овардан муҳаббат нест,
Маро байни ҳама чун дурри дури хеш  ёд овар!
**2000-2007**

**ЯК ЗИЛЗИЛА ЁД**
**МАНЗУМАҲО**
**6**

**ОЗАРАХШ**
***( Номаи дермонда аз қарни ХХ ба қарни ХХ1 )***

***Барои ЛОИҚ,***
***шоири фарёдҳои бефарёдрас,***
***Барои БОЗОР СОБИР,***
***шоири оворaву мусофир.***

**ОҒОЗ**

***Ба базми зиндагиву марг***
***Кӣ мегиряд,***
***кӣ механдад?***
***Кӣ аз боғи мазори ғӯрамаргон***
***чида гул,***
***Гулдаста мебандад?***
***Чаро дар олами гиряндаи хандон,***
***Яке бояд бимирад,***
***то зияд дигар,***
***«Яке бояд бигиряд,***
***то дигар хандад?!..»***

1

Насли ман, насли фиғони даргулӯмонда,
Насли аз ҷоҳу ҷалоли хеш ронда,
Насли тоат,
насли иззат,
насли таҳқир аст.



Хона бар пушт,
бод дар мушт,
хок бар сар,
Насли тоқат,
насли тамкин,
насли тақсир аст.
Шабфурӯзи шабпарастон,
Бодаи ҳушёрии девонамастон,
Ворисi номуси Миллат,
Ҳақнамои ҷурму иллат,
Насли нозир,
насли таҳрир,
насли тафсир аст...

* * *

Насли бо қишлоқи худ
Дар шаҳри беёдон мусофир,
Насли бо айлоқи худ
Дар кӯчаи Ленин муҳоҷир.
Насли деҳотии шаҳрофар,
Насли довар,
насли чокар,
насли ғампир аст.
Даркушои монда пушти дар,
Занги бедории хоби бардаофар,
Занги хуни сарду хаста,
бонги ожир аст...

* * *

Насли аз худ рафта,
То ҷоҳеву гоҳе норасида,
Насли боду бода,

насли сода,
Обрӯяш оби дида,
Мавлавиойин,
Рӯдакизода,
Орзуяш захми носур аст,
Ормонаш лухти мастур аст.
Сарбадори мазҳаби худсохтан,
худбохтанҳо,
Зиндадори доди ёди хотири дур аст.
Бори ори осиён бар дӯш,
Зузаи фарёди қавми безабон дар гӯш,
Лолфарёд,
наърахомӯш,
Насли субҳи шаб,
насли бемактаб,
насли бепир аст…
Насли исёнии саркаш,
насли оташ,
насли Ораш,
Пойбанди доми тазвир аст.
Насли сарафрози сарпаст,
насли сармаст,
Ноларези ташнагии мурғи шабгир аст.
Шарқии ғарбӣ,
ғарбии шарқӣ,
Насли худсоз,
насли худбоз,
насли худкуш,
Насли раста,
насли хаста,
насли сартир аст...



* * *

Панҷае дар доману андар гиребони замона,
Насли афсона,
насли парвона,
насли бегона,
Ахтаре андар самои ҷаҳли инсон аст,
Ахгаре аз гармии хокистари иззатпарастон аст,
Босафои аз сиёҳии риёи даҳр нораста,
Ҷоми сури дар азои хеш бишкаста,
Озарахше дар сиёҳии шуури бешуурон аст,
Вориси шабмондаи оташпарастон аст,
Лӯъбати беминнати бозии тазвир аст,
Чун ҳавои тозае
аз оҳи дамгир аст…

2

Мо ки асли нусхаи ин насли худхорем,
Куштаву захмину хуншорем.
Гирди моҳи хуфтагони андсола,
ҳамчу ҳола,
Мо сияҳҳолем,
мо сияҳҳолем,
мо гунаҳгорем:
… Сад китоби сӯхта андар бағал,
Сад китоби нонавишта
Аз ривоя,
аз мақола,
аз масал
Дар калому лавҳи хотир
Бо шиору шеър,
бо созу тарона,
Ховарона,

доварона,
ёварона,
Бо ситоиш,
бо ниёиш,
бо ситеза,
Бо хуруши аз садои ҳанҷара боло,
ишқполо
Ормони ҷовидони сарбадоронро
Ҳақталаб такрор бинмудем.
Бехабар аз он ки қавми хастаро
аз хоби ғафлат
Ҷаҳлзо нофор бинмудем,
Ними шаб бедор бинмудем...

* * *

Бехи гӯши хомхобони фусурда,
Мехи ҳуши ворисони тарсхӯрда,
Аз ҷасорат,
аз шуҷоат,
аз ялон гуфтем.
Аз ҳақирӣ,
аз асирӣ ал-амон гуфтем:
*« Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳич омӯзгор!..»1*
Аз фурӯғи маънавӣ-
Аз офтоби « Маснавӣ»
Аз ворисони безабон гуфтем:
*«Ҳар касе, к-ӯ дур шуд аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш…»2*
.Аз ниёву аз киёву аз каён гуфтем,
Аз фари «Шаҳнома»,
Аз « Аржанг»-и шанги Ориён гуфтем.



Аз шикасти Оли Сомон,
Бо сиришки талху қалби хунчакон гуфтем:
***« Маснаде дар ҳалқаи саҳронишинон,***
***Бӯстоне дар миёни шӯразорон,***
***Гулхане дар лобалои кӯрдуд,***
***Паҳлавоне дар миёни нотавонон..,***
***Оли Сомон!Оли Сомон!***
***Давлати навкисаву навхонагон,***
***Давлати навдавлату навхоҷагон,***
***Кӯдаки якрӯзаи таърихи тоҷик,***
***Зодрӯзат ёд бодо,***
***Ғӯрамарго, ғӯрамарго!..3***
Аламон,аз хорузории ялон гуфтем,
Аз худои дар замин-
Аз ишқи инсони яқин,
Аз Меҳани озодагон гуфтем:
***«Ду чашми дурбини ман,***
***Суруди аввалини ман,***
***Нидои вопасини ман,***
***Худои дар замини ман,***
***Ватан!..»4***
Чодари фарсудаи таърихро
Ворисона ҳисса кардем.
Бо Ватандорони маҳруми Ватан,
аз ҳотамии тоҷикона
Доварона қисса кардем:
***«Ҳарчи ӯ аз моли дунё дошт, дод,***
***Хиттаи Балху Бухоро дошт, дод,***
***Суннати волоию Девон дошт, дод,***
***Тахти Сомон дошт, дод…***

-------------------

***1. Рӯдакӣ.***
***2. Ҷалолидини Балхии Румӣ.Маснавии Маънавӣ.***
***3. Лоиқ***
***4. Муаллиф***

***Душмани донишгадояш « Дониш»-и Сино гирифт,***
***Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт.***
***Душмани суратпарасташ сурати Беҳзод бурд,***
***Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт…»1***
Аз барои тоҷдорони нагунсар,
сактадору сактаофар,
Аз Курушу Геву Доро
достон гуфтем.
Бо забонгумкардаҳои бехабар аз марги тадриҷӣ,
Аз фанои миллат-
аз марги забон гуфтем:
***«Аз тамоми ину он гумкардагон,***
***Зиштрӯтар нест дар рӯйи ҷаҳон,***
***З- он ки гум карда забони модарӣ,***
***Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон…»2***
Кӯҳи коҳи тоқати таҳқирро,
Ношикебо бод бинмудем.
Бо шиори ифтихори осиёна
Дар мазори сарбадорон,
Кохи коҳии ниё
бунёд бинмудем.
Содатар аз содагии ошиқона,
Орифона,
Қиссаи озодагонро,



Достони мардуми бехонумонро,
Бо салои хуни худ
эҳод бинмудем:
***«Агар хасоташи ҷаҳли замони худ намебудам,***
***«Авасто»-ро барои ворисон инъом медодам.***
***Ва тифлеро, ки месозад зани мирандаро бемарг,***
***Зи ишқи хеш мезодам ва тоҷик ном медодам!…»3***
Аз фироқи модари уфтодадури худ-
Бухоро
Мотаморо гиря кардем:
***«Зарафшон дар Бухоро гар бимирад,***
***Бимирам ман зи ҳиҷрони Бухоро!..«4***
Сер аз ҷони ҷудоӣ,
гушнаи нони Самарқанд,
Бемадору бемадоро
гиря кардем:
***1. Бозор Собир***
***2. Лоиқ***
***3, 4. Муаллиф***
***«Ту бе ман, пири ман,***
***хуш мону хуш зӣ, лек ман бе ту,***
***Чӣ сон охир нафас гирам,***
***Самарқандам, ҷигарбандам?!» 1***

3

Бо санои: - оре, мо будем!
Бо нидои:- оре, мо ҳастем!
Бо дуои:- оре, мо хоҳем будан!-
Шаъни буданро,
намуданро,
Зери пойи ҷаҳл
бечора намурданро,

Шеваи оғоз бахшидем.
Нангу ори ориёиро,
Чун кабӯтарбаччае
аз лонаи дил,
Шеваи парвоз бахшидем.
Кушта-кушта хештанро
Ишқро эъҷоз бахшидем…

* * *

Гуфтани ногуфтанҳо,
Аз асорат,
аз ҳақорат,
аз таманно..,
Дар раги афсурда
хуни сардро таҳрик медод.
Ахгаре аз зери хокистар,
ба мағзи ёди беёдӣ
Шӯълаи торик мезод...

* * *

Дарди мо дарди ду-се қишлоқии ошиқ набуд,
Арзи мову арзаи мо
Ҳарзаву ҳазёни бемаънову бемантиқ набуд:
Сӯзи мо з-оташгаҳи хомӯши Маздо буд,
Сози мо сарводаи ҷонсӯзи ғафлатбурдаҳо буд,
Ҳам сало буд,
ҳам нидо буд,
ҳам дуо буд,
Оҳи сарди миллати бемуттако буд:
***« Дар сарояш тоҷик аз бахти нагун,***
***Гарчи бо габру мусулмон ҳамсадо буд,***
***Ҳамрусуму ҳамхудо буд,***
***Дар забон аммо ҷудо буд…»2***



------------------
1. ***.Муаллиф***
2. ***Бозор Собир***

* * *

Аз Ватанафарсудаҳо-
аз мурдаҳои зиндаҳо,
Сабқати ишқу вафоро мерабудем.
Бо забонгумкардаҳо
бас хешро гум карда будем,
Зери лаб,
дар остини шарму таҳқир,
Марги худро мегиристем,
Разми худро месурудем.
***« Бе забони модарӣ***
***бемеҳанам,***
***Бе забони модарӣ***
***бекишварам.***
***Бе забони модарӣ***
***бемиллатам,***
***Бе забони модарӣ***
***бемодарам!..»1***
Аз замини сабз-зарди номуродӣ,
Киштаи эҳёи худро медурудем.
Сар ниҳода бар сари дӯши замона,
Осиёна мехурӯшидем,
ошиқона месурудем:
***«Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,***
***Сарҳади тоҷик-***
***забони тоҷик аст.***
***То забон дорад,***
***Ватандор аст ӯ,***

***То Ватандор аст,***
***бисёр аст ӯ…»2***

4
Шаъни инсон дар парафшонии ҷони мо
парафшон шуд,
Дар шукуфти гулхани илҳоми насли ошиқи шайдо,
Оташи Зартушт гул карду гулафшон шуд.
Растахези сабзаҳои зардро
хуршед дида,
Босафо хандид,
пурзиё рахшид,
Гӯйӣ Мавлоно
зи дидори азизи Шамс
бархурдор шуд.
------------
***1..Муаллиф.***
***2. Бозор Собир***

Ҳарфи Миллатро
Ватандорони беёди Ватан,
Сун паёми сабзҷони зиндагонӣ,
балки чун савганди ҷонӣ,
Аз забони насли нурафзо шуниданд.
Дар ғурури насли озода,
асирон
Хешро бебанд диданд,
Худшиносу гурду неруманд диданд…
Дар нигоҳи ҳақ
шарар ҷони дигар ёфт,
Нангу имону шараф
шони дигар ёфт.



Вожаи фарҳанг фар ёфт,
Ишқ шарҳи мухтасар ёфт:
***« Зиндагӣ охир сар ояд,***
***бандагӣ даркор нест,***
***Бандагӣ гар шарт бошад,***
***зиндагӣ даркор нест!…»1***

* * *
Лек, аммо, ҳайф, ҳайҳот!..
Дар биёбони таманно
Хушксолии савоби мо намоён шуд,
Дар нигоҳи ҳикмати чашми ҳақиқат,
Хушкбории сароби мо намоён шуд.
Онҷуноне , ки ҳамебоист мешуд,
онҷунон шуд:
Корвон чун даштро тай карду баргашт,
саф шикаст,
Саф шикасту зарра зоҳир шуд:
Он ки буда аз ҳама охир
пешсаф омад,
В- он ки аввал буд,
охир шуд…

5
Аз салои ишқи оташзоди мо,
Жож гуфтам, к-як Ватан бедор шуд.
Балки дардо, ҳайф,
ҳайҳот,
Андалебони муҳаббатхастаро дар хоб дида,
Каргасу зоғу заған бедор шуд.
Ҳар куҷо беҳосилу пасмондае буд,
-----------------------

***1. Лоҳутӣ***

Ҳар куҷо аз равзану дар рондае буд,
Вориси ҳирсу тамаъ,
Бордори   рашку фанн бедор шуд...

* * *

Бардагони ҳирсбемор,
Хуфтагони хирсбедор,
Аз нигоҳи равзани ғор,
Субҳро мадюни шаб
дидан,
Зиндагиро дар ҷилои нури яздонӣ
булаҷаб  диданд,
Тобу  таб карданд,
Бо шуури ҳарзахолӣ,
Бо ғурури арзахолӣ
Рӯзро пиндори шаб карданд,
Рӯбарӯйи рӯшаноӣ
бо ду чашми бози баста,
Ғамзаву рақси тараб карданд,
Аз барои хони базми хеш
Ишрати арзон талаб карданд...

* * *

Қосидони ханда-гирён,
Парчамафшон,
Сар ба пойи миннати тӯфон ниҳоданд.
Худ агарчи гушнаи садсола  буданд,
Нони ҷони хешро
Бар суфраи эшон ниҳоданд…



* * *

Чун зи нони ҷони қурбонии арзон
танпарастон  сер гаштанд,
Мушу рубаҳ  шер  гаштанд.
Ҳар кӣ будӣ
хасми ҷони рӯшаноӣ,
нурнодид,
Он замон аз кисаи макру  риё
Санги аъмоли  сиёҳи хешро
берун кашид,
Бар дилу бар дидаи ойина зад,
Бо кинаи дерина зад…
Он ки  бо  нури чароғи нурполо
Аз дили ғори сиёҳ  берун давид,
Гарди кафши кӯҳнаашро
Он замон  бо такаббур,
бо ситеза,
Бар сару бар сурати  қосид такид.
Он ки умре ҷойи нони серӣ
мушт мехӯрд,
Мушти нафрат  бар сари насли таҷалло зад.
Ҳар пиёда
маркаби ланги виқори хешро
ланг-лангон,
Сӯйи  боғи орзуи  қосиди ишқу таманно ронд.
Ҳар кажеву кожу бадрӯе,
Ҳар ҳақиру беҳунар,
ҳар зишту бадхӯе,
Ҷурми худро
дида дар ойинаи ҳусни  камоли ишқ,
Тири нафрат бар сари гардунраво афшонд.

* * *

Чархи бӯҳтон гашт гардон,
Насли ошиқ гашт сарсон,
Кина аз ҳар мӯрии торик
Дудаафшон шуд.
Дар сари гӯри ғариби сарбадорон,
Барқ худро кушт,
Раъд гирён шуд…

* * *

Он ки охир буд
аввал шуд,
Он ки аввал буд охир шуд.
Тоҷи фарҳангу ҳунар афтод
зери пойи бефазлӣ,
Хокрӯби даргаҳи илму адаб
Соҳиби ному нишону иззату осор шуд.
Худфурӯшон гарм бинмуданд бозори сухан,
Ҳар кучое русапие буд
тақводор шуд.
Паст боло,
ғажд лоло,
Кӯр олим,
ҳӯл фозил,
Дузд қонунсозу қонунёр шуд…

6

Бо ҳама,эй кош мехуфтем,
Чун ҳама,эй кош мехуфтем!
Кошки Миллат намеҷустем,
Кошки Меҳан намегуфтем!..



* * *

Мо Ватанро,
гӯиё тифли ятиме модарашро,
Дар хумори бекасӣ бишнохтем.
Водареғи навҳаи тифлонаи мо
Дар сари тобути худ,
Насли ман,насли муҷалло,
насли қосид,
насли фонус,
Насли белавҳи мазору насли бепайкар,
Дар ҷаҳон буд ё набуд?!

* * *

Насли ман,насли Масеҳо
Дар салиби иззати худ
ҷовидона чормех аст,
Аз ҳама узви тани садпорааш
хун мечакад,
Хуни раҳмат,
хуни тоат,
хуни тоқат,
Хуни Мансури муҳаббат…

* * *

Насли ман,
насли худораҳмат,
насли дастон аст,
Насли саркӯбидайи бар хок яксон аст.
Нохудои бесафина дар дами тӯфон,
Насли белавҳи мазору насли чистон аст.
Насли исмат,
насли миннат,

насли қурбонӣ,
Охирин фарзанди ишқи Коваи оҳангарон аст!…

7

Оре, оре, боядо « гиряд яке
то ки дигар хандад!..»
Насли ман, алҳақ,
аламбардори нанги сарбадорон аст,
Озарахше дар самои ҷаҳли инсон аст,
Қосиди ойинаи субҳи сияҳрӯз аст,
Офтоб асту сияҳсӯз аст,
Шаҳчанори хушки бебарг аст,
Насли ман насли ҷавонмарг аст.
Насли ман насли сияҳпир аст,
Насли Қақнус,
насли номус,
насли таҳқир аст...
Ахгаре аз гармии хокистари иззатпарастон аст,
Қосиди бадноми истиқлоли Оли Тоҷикистон аст!..

* * *

Эй ки ҳар дам, шоду беғам,
Ҳизби худ,
савганди худ,
паймони худро,
Чун кулаҳ,
монанди гарданбанд дигар мекунед,
Дар ғурури базми сармастии хеш,
Дар ғулуви васфи зӯриву забардастии хеш,
Дар сафи қурбониёни Ишқу Армон,
Ёд оред,
бе надомат,



бо муҳаббат ёд оред,
Насли гулночидаи гулкорро,
Насли аз теғи умеду орзу хуншорро.
Насли ошиқ,
насли борик,
Насли машъалдорро:
Насли Лоиқ,
Насли Бозор,
Насли Гулрухсорро!..

### ***АНҶОМ***

***Насли ман,хуни ту***
***Дар шарёни сабзи миллати хуршед,***
***Пуршарору оташин аст.***
***Пайкари нобудаи ту***
***Дар дили фардои инсони яқин аст.***
***Зодрӯзат***
***зодрӯзи ишқ,***
***Зодрӯзат***
***зодрӯзи насли бедори Ватандор,***
***Зодрӯзат***
***зодрӯзи насли худхори Ватанёр,***
***Зодрӯзат***
***зодрӯзи насли меҳанофарин аст,***
***Зодрӯзат***
***зодрӯзи Тоҷикистони навин аст!***
***2006***
***( 16.12.2007 )***

**МУРОФИАИ БАҲОР**

***ОҒОЗ***

***Дар ин ҷо адлро мастур карданд,***
***Дар ин ҷо ҷаҳлро дастур карданд,***
***Ҳақиқатро дар ин ҷо гӯр карданд,***
***Дар ин ҷо Рӯдакиро кӯр карданд!..***

1

Баҳор гузашт!
Баҳори пажмуридаи ғунчаи низор гузашт.
Фариштаи ишқ
Бе булӯри сабоҳ
Бе шарори нигоҳ,
Бе фасонаи хумор гузашт.
Наварзида ишқу наларзида аз шавқ
Наболида аз бахт,
нарақсида бо завқ,
Баҳор ҷумҷумаи хеш дар канор гузашт...

* * *

Баҳор гузашт!
Баҳор гузашту арӯсии фасли зоянда
На сеҳр зоду на соҳир,
На шеър зоду на шоир,
Ба дида ахтари ашк,
Бе ахгари шарор гузашт.
Моҳи асали баҳор
Дар дами нафси ришвахори темурона,
Бе нусрати адлу адолат,
Бо рӯбаҳии шер,



шармсор гузашт...
Баҳор гузашт!

* * *

Баҳор гузашту шасти тозиёнаи барқ
Дар сукути ханҷари виқор шикаст.
Хурӯши сангбори раъд
Дар сукути ниқор шикаст…
Баҳор гузашту дар нигоҳи ҳасрати ман
арғавони ҷавон
Зи фарқ то ба қадам
гулнисор нашуд.
Шукуфа дар бадани шохсор
Дил назаду натапид,
рангнисор нашуд.
Ғуруб дар хуни сурху сиёҳи хеш
оҷизона тапид,
Шафақ бар сари хок
шоли сурмадор такид,
Сафири сурур
бе таронаи нур
Аз каронаи шодӣ
ғамнисор гузашт,
Баҳори лолаи вожуна
бебаҳор гузашт.
Баҳор дар атсаи тундбод
аз димоғи дашту кӯҳсор гузашт…
Баҳор гузашт!

2

Баҳор гузашту дар осмони дидаи ман,
Ситорае дар нагирифту надурахшид,

Дилам зи тоби нигоҳе
тaҳ накашиду наболид,
Ҳазори дилам
ҳузни садҳазорсолаи ишқро
Барои гулбуни нигоҳам
сӯфиёна нанолид...
Баҳор гузашту сӯзи хуни ҳастиро,
Дар шараёни сарди хеш
эҳсос накардам,
Ба рӯйи субҳ
равзанаи сафо боз накардам,
Навои ишқро
зи пардаи ҷунун
Бо салои ашку хун
ҷонгудоз
оғоз накардам,
Ба абрӯвони шикастаболи хеш
вусмаи висол накашидам,
Гиреҳи ноз нагушодам,
Накҳати роз нашамидам,
Шаршараи гесувони хешро
Бо сиришки ток нашӯйидам,
Хокро атрсон набӯйидам.
Дар маъбади дашту даман
Ба намози ишқ нанишастам,
Ба гӯши кӯҳ
салавоти ишқ
сар надодам,
Бо кабӯтарон
ояи ёҳу насурудам.
Бо рӯдбор надамидам,
бо обшор натапидам,



Ба пойи об
ба сони ҳубоб нафитодам,
Зи қалби сахра
бо гули санг надамидам,
Зи тоби хандаи офтоб
чу тарма об нагаштам,
Ба пешвози турнаҳо
кӯдакона надавидам,
Бо шаршара
чу оҳубарра
сангобасанг наҷаҳидам..,
Баҳор гузашт!

3

Баҳор гузашту дару девори манзиламрову шишаи диламро,
Зи дуди дудаи дай пок накардам.
Хона натакидам,
хони наврӯз нагушодам,
Ба сӯйи само
шаҳпари самоъ
боз накардам,
Худойи хешро
ба базми нозанини шукрона
овоз накардам,
Сӯфиёна ба пойи остона нафитодам,
Зи оташистони лола
сабзшӯъла нарабудам,
Барои гулҳавасе
дар дилу дида гул накоридам,
Барои гулнафасе
ёсуман набахшидам,

Хокро атрсон набӯйдам,
Дуои « Шохи набот»
дар лаби хоҳиш,
бо ниёиш
Фолномаи Ҳофизро боз накардам..,
Баҳор гузашт!

Баҳор гузашту азизе,
Ки ҳазору анд қарни таманно
Пайки ишқро
аз баҳори ман меҷуст,
Зи ҷодаи ҳиҷрон
Бе мани шаҳинтизор гузашт,
Ба дида ашки хумор гузашт...
Баҳор гузашт!

* * *

Баҳор гузашту ҳавои ғамзаи гул,
Дар санои ануша напоид.
Нигоҳи ду дида,
аз никоҳи ду дида
офтоб назоид.
Ва обшор дар саропардаи сафо
аналҳақ насароид.
Суруди носурудаи чашма
дар забони борон монд,
Сиришки ҳузни гулшукуфт
Дар сари мижгони ғунча
ларзон монд...

4

Баҳор гузашт!



Баҳор гузашту ҳусни эъҷози худоӣ
Дар ҷилои шукуфойӣ
ойинапардоз наёфт,
Таронаи ишқ оғоз наёфт,
Ҷавонаи наргис
аз тамошои ҳусни хеш,
Дар ойинаи чашми рӯдбор
сер нашуд,
Баҳор зи фасли ҳич
то ба васли ҳеч
вожгуна шитофт…

* * *

Баҳор
нағмашод расиду безамзама рафт,
Баҳор
озода расиду асири маҳкама рафт.
Баҳор
на хандиду на гирист,
Баҳор
на мурду на зист,
Баҳор на русту на раст,
Баҳор
ба сони вараќе холӣ
Аз ҷаридаи даврон канд,
Баҳор ба сони ҷоми булӯрин
Дар азои базми хеш шикаст…

5

Имсол гулситони баҳор
Зи накҳати рози илоҳӣ
баҳра набурд,

Имсол гули ошиқи печон
Бар тани току сафедор
ошиқона напеҷид,
Ҳаваси гулшукуфт
Дар қафаси синаи дара
бориқона напечид,
Ҳич дар ҳеч наҳечид,
Баҳор гузашт!

Имсол баҳорро аз баҳор дуздиданд,
Имсол ғунчаро аз ҳазор дуздиданд,
Имсол шӯъларо аз шарор дуздиданд...
Имсол дар набарди пиёдаву савор,
Гуноҳ бегуноҳ,
бегуноҳ
гуноҳкор гузашт.
Имсол дар шинохти сиришти зишту зебой,
Сиёҳ сафед,
сафед сиёҳбор гузашт...

Имсол дар ҷадвали омадану рафтани вақт-
Чакомаи фасли ишқ
нохон монд,
Имсол фалсафаи асрори офариниш
Дар суоли чистон монд.
Имсол кабӯтари сапедболи қосиди ишқ
Дар таги дандони ришвахорон монд…

Имсол растахези ишқи илоҳӣ,
Дар ҳақорати мурофиа гузашт.
Имсол умри кутаҳи баҳор,
Дар шиканҷи мудофиа гузашт...



* * *

Имсол баҳорро
аз барои бегуноҳияш,
Ба додситону додгоҳ кашиданд.
Зи номи адлу адолат
рӯсапиёни сиёсат,
Ба рӯйи ҳафт пушти фасли ишқ,
чодари сиёҳ кашиданд...

* * *

Имсол дар додгоҳи бедодӣ,
Дар сари оши худоии ҳақиқату
нӯшбоди ҷашни разолат,
Хандаи тифлонаи баҳорро
муҳокима карданд,
Нози нозанини баҳорро
муҳокима карданд,
Ҳусну сафои баҳорро
муҳокима карданд,
Нуру зиёи баҳорро
муҳокима карданд…
Имсол дар нигоҳи ҳайрати кирдгор
Ба гардани баҳор
ҳалқаи ниқор кашиданд.
Ба ҷойи қотилу ришвахор,
Ба ҷойи сифлаву дузд-
ба ҷойи хеш,
Баҳорро ба дор кашиданд!..

6
Баҳор мурд!

Сафои кирдгон мурд!
Зи марги навбаҳори бегуноҳ
осмон гирист,
Зи қатли нозанини бепаноҳ
як ҷаҳон гирист,
Замини безабон гирист,
Ба сони модарон гирист,
Барои ошиқон гирист,
Ба ҷойи ошиқон гирист,..

* * *

Ҳадаф зи қатли навбаҳор,
Ба хоки раҳ кашидани сафири ишқу ифтихор буд.
Ҳадаф зи қатли навбаҳор
Наҷоти фаҳшу марги поксор буд.
Ҳадаф зи куштани баҳор,
Шикастани булӯри покиву сафои шиша буд.
Ҳадаф зи қатли навбаҳор,
Ҳақорати фаришта буду иззати фоҳиша буд…

7

Баҳор мурд!
Тарона мурд,
фасона мурд,
шеър мурд,
Зи қатли ишқу орзу,
Шукӯҳи рӯзгор мурд...
Баҳор дар мазори худ
бунафшакор мурд,,
Агарчи аз ҳақорати риё
ҳақиру шармсор мурд,
Баҳор дар баландии мақоми хеш-



рӯйи дор мурд...

* * *

Баҳор мурду қотили баҳор зинда монд.
Барои бегуноҳу бепаноҳ
банди дор зинда монд,
Хонақоҳи ишқ вайрон шуд,
Ба ҷойи булбули забонбурида
Зоғи сиёҳ ҳазордастон шуд,
Дареғи мӯъҷизаи кирдгор,
дареғи фасли баҳор,
Ки ба зери кафши фоҳишае
ба хок яксон шуд!..

***АНҶОМ***

***Дар ин ҷо нуқта ҷойи нукта гирад,***
***Дар ин ҷо нӯхта ҷойи нухба гирад.***
***Дар ин ҷо ҳақ барои ҳақ бимирад,***
***Ки ҷояшро ҳақи ноҳақ нагирад…***
2006
**(16.12.2007)**

*МУНДАРИҶА*


1. ***Як панҷара меҳр. ( Шеърҳо)***
2. ***Як шаршара нур.( Барои дӯстон)***
3. ***Як гулдара роз. ( Ғазалиёт)***
4. ***Як ҳанҷара дил. ( Қитъа)***
5. ***Як хотира боғ. ( Рубоиёт, дубайтӣ, байт)***
6. ***Як зилзила оҳ. ( Манзумаҳо)***